БОРБАД – НАМОДИ МУСИҚИИ АҶАМ
саҳ. 10

ХУСУСИЯТҲОИ ФОНЕМАҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ
саҳ. 11

АЗ ҚАЪРИ ГИЛИ СИЯҲ ТО АВҶИ ЗУҲАЛ...
саҳ. 13

ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМӮЗ!

# ОМӮЗГОРИ ҷавон

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

№05 (1095)
30 МАЙИ СОЛИ 2026

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

# ТАҚСИМОТИ МУТАХАССИСОНИ ҶАВОН ДАР ДДОТ БА НОМИ С. АЙНӢ



**Рӯзи 1 майи соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тақсимоти мутахассисони ҷавони равияи омӯзгорӣ барои соли таҳсили 2026-2027 баргузор гардид.**

Дар чорабинӣ сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Саъдуллозода, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода, намояндагони Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, сарраёсат, раёсатҳо, шуъбаву бахшҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни баромадҳо таъкид гардид, ки таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи маориф ба ҳисоб рафта, ба раванди босифати таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон робитаи мустақим дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи маориф ва илм таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ин соҳаро яке аз самтҳои афзалиятнок ва калидии сиёсати иҷтимоии давлат арзёбӣ менамояд.

Дар рафти тақсимот 359 нафар хатмкунанда, аз ҷумла, 97 нафар тибқи квота, аз рӯйи ихтисос ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар карда шуданд.

## РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

### ЛЕКСИЯИ ИЛМИИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ЧОНБУК



3

## ПОСИ ХОТИР

### АРҶГУЗОРӢ БА ХОТИРАИ ФАРЗАНДОНИ ФИДОИИ МИЛЛАТ



4

## ДАСТОВАРД

### ҒОЛИБИЯТИ ДАСТАИ «ОМӮЗГОРИ ҶАВОН» ДАР ДАВРИ ДУЮМИ «МАҲФИЛИ ЗАРИФОН»




8

РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# ДОНИШГОҲҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА КОРЕЯ БА ТАВСЕАИ БАРНОМАҲОИ МУШТАРАКИ «2+2» ТАВАҶҶУҲ ЗОҲИР НАМУДАНД



***Рӯзи 13 майи соли 2026, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар доираи сафари корӣ ба Кореяи Ҷанубӣ бо Президенти Донишгоҳи миллии Ҷонбук доктор О-Бонг Янг мулоқоти судманд анҷом дод.***

Дар вохӯрии мазкур ҳамчунин Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея Киром Салоҳиддин Амриддинзода иштирок намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои муҳими рушди ҳамкориҳои минбаъдаро мавриди баррасӣ қарор дода, ба тавсеаи табодули академӣ, таҷрибаомӯзии омӯзгорону муҳаққиқон, инчунин роҳандозии барномаҳои муштараки таҳсилотии «2+2» таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Ҳамзамон, ҷонибҳо масъалаҳои марбут ба омӯзиши зеҳни сунъӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаҳои пешқадами байналмилалӣ ва роҳҳои таҳкими ҳамкориҳо дар самтҳои илмҳои дақиқ, табиӣ ва риёзиро муҳокима намуданд.

# ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲО ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ ДАР МЕҲВАРИ МУЛОҚОТ БО САФИР

***Рӯзи 13 майи соли 2026 ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар доираи сафари корӣ ба Кореяи Ҷанубӣ бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея Киром Салоҳиддин Амриддинзода мулоқот анҷом дод. Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи илму маориф, густариши робитаҳои байналмилалии донишгоҳҳо ва ҷалби таҷрибаҳои пешқадами муассисаҳои таҳсилоти олии Кореяро мавриди баррасӣ қарор доданд.***

Дар рафти мулоқот ба масъалаҳои рушди табодули академӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, омодасозии мутахассисони баландихтисос ва роҳандозии барномаҳои муштараки таълимӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Ҷонибҳо таъкид намуданд, ки тавсеаи ҳамкориҳои илмиву таълимӣ метавонад барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди иқтидори илмӣ ва таҳкими робитаҳои дӯстонаи Тоҷикистону Корея заминаи мусоид фароҳам оварад.



# АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА БО УНВОНИ «ПРОФЕССОРИ ФАХРӢ»-И ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ҶОНБУК САРФАРОЗ ГАРДИД




***Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода дар доираи сафари корӣ ба Кореяи Ҷанубӣ бо унвони баланди «Профессори фахрӣ»-и Донишгоҳи миллии Ҷонбук сарфароз гардонида шуд. Маросими супоридани унвони фахрӣ дар фазои тантанавӣ ва ҳузури роҳбарият, олимону муҳаққиқон ва намояндагони доираҳои академии донишгоҳ баргузор гардид.***

Таъкид шуд, ки ин унвони ифтихорӣ ба Аҳлиддин Ибодуллозода барои саҳми назаррас дар рушди илму маориф, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, густариши робитаҳои академӣ ва нақши муассир дар таҳкими муносибатҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистону Корея дода шудааст.

Президенти Донишгоҳи миллии Ҷонбук доктор О-Бонг Янг зимни суханронии худ аз фаъолияти пурсамари роҳбарияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар самти тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ баланд арзёбӣ намуда, иброз дошт, ки тақвияти робитаҳои илмиву таълимӣ метавонад барои рушди фазои ягонаи академӣ ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир мусоидат намояд.

Аҳлиддин Ибодуллозода барои қадрдонии фаъолияти илмӣ ва касбии худ ба роҳбарияти Донишгоҳи миллии Ҷонбук изҳори сипос намуда, таъкид кард, ки минбаъд низ барои таҳкими ҳамкориҳои судманди илмиву таълимӣ, рушди табодули академӣ ва татбиқи барномаҳои муштараки байналмилалӣ талош хоҳад кард.

РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

# ЛЕКСИЯИ ИЛМИИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ҶОНБУК




***Пас аз сарфароз гардидан бо унвони фахрии «Профессори фахрӣ»-и Донишгоҳи миллии Ҷонбук ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода барои ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳи мазкур лексияи илмӣ таҳти унвони «Муносибатҳои Тоҷикистону Корея дар масири таърих ва дипломатия» баргузор намуд. Дар лексия масъалаҳои марбут ба таърихи робитаҳои фарҳангиву тамаддунӣ миёни халқҳои Осиёи Марказӣ ва нимҷазираи Корея, нақши Роҳи бузурги Абрешим дар рушди муносибатҳои байниминтақавӣ ва умумиятҳои фарҳангии ду миллат мавриди таҳлил қарор гирифтанд.***

Ректори донишгоҳ таъкид намуд, ки муносибатҳои Тоҷикистону Корея танҳо маҳсули ҳамкориҳои муосири дипломатӣ набуда, балки ба пайвандҳои қадимаи таърихӣ ва фарҳангӣ такя мекунанд. Зикр гардид, ки ёдгориҳои нодири тамаддунии Тоҷикистон, аз ҷумла деворнигораҳои Панҷакенти қадим ва Дайри буддоии Аҷинатеппа, ҳамчун бахше аз мероси умумии фарҳангии Осиё аҳамияти бузург дошта, бозгӯи иртиботҳои амиқи фарҳангии минтақа мебошанд. Ҳамчунин таъкид шуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ муносибатҳои Тоҷикистону Корея мазмуни нави геополитикӣ касб намуда, ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисод, технология, энергетика, маориф ва дипломатияи гуманитарӣ пайваста густариш меёбанд.

Зимни лексия ба рушди ҳамкориҳои илмиву таълимӣ миёни ду кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар таҳкими дипломатияи гуманитарӣ муҳим арзёбӣ шуд. Аҳлиддин Ибодуллозода аз саҳми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар омӯзиши забони кореягӣ, омодасозии мутахассисони соҳавӣ ва рушди робитаҳои академӣ ёдовар шуда, иброз дошт, ки густариши табодули донишҷӯён, омӯзгорон ва татбиқи барномаҳои муштараки байналмилалӣ метавонад барои таҳкими ҳамкориҳои дарозмуддати Тоҷикистону Корея заминаи устувор фароҳам оварад.

Дар анҷоми лексия ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Ҷонбук ба мавзуи матраҳшуда таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, баргузории чунин ҳамоишҳои илмиро барои таҳкими муколамаи фарҳангиву академӣ ва рушди робитаҳои дӯстонаи байни ду кишвар муҳим арзёбӣ карданд.

# ШИНОСОӢ БО МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ОСОРХОНАИ МИЛЛИИ КОРЕЯ

***Дар доираи сафари корӣ ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Ибодуллозода Аҳлиддин бо ҳайати ҳамроҳон дар Кореяи Ҷанубӣ аз Осорхонаи миллии Корея боздид ба амал оварданд.***



Зимни боздид аҳли раёсати донишгоҳ бо таъриху тамаддун ва арзишҳои фарҳангии мардуми Корея аз наздик шинос шуда, инчунин оид ба фаъолияти Осорхонаи миллии Корея маълумоти муфассал гирифтанд. Қобили зикр аст, ки Осорхонаи миллии Корея ҳамчун маркази асосии таърих ва санъати Корея аз соли 1945 инҷониб дар самтҳои бостоншиносӣ, таърих ва санъат корҳои илмӣ-тадқиқотӣ анҷом дода, ҳамасола барномаҳои гуногуни намоишиву маърифатиро баргузор менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки дар толорҳои нигораҳои марбут ба таърихи халқи тоҷик намояндагони донишгоҳ бо амсилаи деворнигораҳои Афросиёб, бозёфтҳо аз давраи Кушониён, намунаҳои гаҷкории аҳди Сосониён, ҳунарҳои шишасозиву мисгарии асрҳои IX–X, ки шабоҳати зиёд ба давраи Сомониён доранд, инчунин миниатюраҳои асрҳои XIV–XV ва дигар осори нодири таърихӣ аз наздик шинос шуданд.

Диққати махсуси ҳайати меҳмонон ба нусхаҳои нодири «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҷалб гардид, ки аз қадимтарин дастнависҳои боқимондаи ин асари безаволи адабиёти форсӣ ба шумор меравад. Дар яке аз саҳфаҳои дастнавис лаҳзаи фирори Дорои I пас аз муҳориба бо Искандари Мақдунӣ бо сабки хоси санъати давраи Илхониён хеле ҷолиб тасвир шудааст. Рангҳои равшан, услуби зиндаву ҳаракатнок ва омезиши анъанаҳои наққошии муғулӣ ва форсӣ аз хусусиятҳои муҳими ин асари нодир арзёбӣ гардиданд.

Ҳамчунин намояндагони донишгоҳ бо саҳифае аз нусхаи шоҳонаи «Шоҳнома» шинос шуданд, ки бо нақшу нигори мураккаби «шамса» оро ёфтааст. Ин рамзи даврашакли мутаносиб дар фарҳанги исломӣ тартиботи осмонӣ ва шоҳигарии аз ҷониби Худованд атошударо таҷассум менамояд. Дар маркази ин ороишоти зарҳаливу кабуднавишт матни ситоиши подшоҳ ҷой гирифта, саҳифа ҳамчун қисми муқаддимавии дастнависи шоҳона истифода мешуд.

Ҳайати донишгоҳ инчунин бо нусхаи машҳури «Шоҳнома»-е, ки бо фармони шоҳ Таҳмосиби I дар аҳди Сафавиён таҳия гардидааст, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд. Ин дастнавис ҳамчун яке аз беҳтарин намунаҳои санъати китобороии форсӣ дар ҷаҳон эътироф шуда, аз 759 саҳифа ва 258 тасвир иборат мебошад. Дар яке аз саҳнаҳои он пизишки дарбори Сосониён Бурзӯй китоби тарҷумакардаи худро ба подшоҳ тақдим менамояд, ки рамзи ҳокими хирадманд ва арҷгузорӣ ба дониш дар тамаддуни шарқӣ маҳсуб меёбад.

Дар идомаи боздид ҳайати донишгоҳ бо дастнависи нодири «Девон»-и шоир ва мутафаккири маъруфи форсу тоҷик Абдурраҳмони Ҷомӣ шинос шуданд. Ин дастнавис, ки аз 440 саҳифа иборат буда, бо зарҳалкорӣ, ҳошияҳои мунаққаш ва миниатюраҳои нодири сабки Сафавӣ оро дода шудааст, аз ҷумлаи арзишмандтарин нигораҳои осорхона маҳсуб меёбад.

Зимни боздид таъкид гардид, ки чунин осори таърихиву фарҳангӣ бозгӯи саҳми тамаддуни форсу тоҷик дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ буда, омӯзиш ва муаррифии онҳо барои наслҳои имрӯзаву оянда аҳаммияти муҳим дорад.

# БОЗДИД АЗ МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ ИННОВАТСИОНИИ ЗЕҲНИ СУНЪИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ҶОНБУК



**Дар доираи сафари корӣ ба Кореяи Ҷанубӣ ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода аз Маркази тадқиқоти инноватсионии зеҳни сунъии Донишгоҳи миллии Ҷонбук боздид ба амал овард.**

Зимни шиносоӣ роҳбарият ва мутахассисони марказ ба меҳмонон дастовардҳои навини илмӣ, таҳқиқотҳои инноватсионӣ ва имкониятҳои технологии марбут ба рушди зеҳни сунъиро муаррифӣ намуданд. Аз ҷумла, оид ба татбиқи технологияҳои рақамӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои маориф, саноат ва идоракунӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Ректори донишгоҳ зимни боздид аз сатҳи пешрафти илм ва технология дар марказ изҳори қаноатмандӣ намуда, рушди босуръати соҳаи зеҳни сунъиро яке аз омилҳои муҳими пешрафти ҷомеаи муосир арзёбӣ кард.

Таъкид гардид, ки густариши ҳамкорӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ метавонад барои рушди иқтидори илмӣ, рақамикунонии низоми таҳсилот ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат заминаи мусоид фароҳам оварад.

Муаллимон тарбиятгари насли ояндасози миллат мебошанд. Аз ин рӯ, мавқеи онҳо дар ҷомеа хеле бузург ва ҳалкунанда аст. Эмомалӣ Раҳмон

№05 (1095)
30 майи соли 2026

ПОСИ ХОТИР

# АРҶГУЗОРӢ БА ХОТИРАИ ФАРЗАНДОНИ ФИДОИИ МИЛЛАТ

***Рӯзи 21 майи соли 2026 роҳбарият, ҳайати омӯзгорону кормандони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти роҳбарии ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода бо мақсади эҳтиром ва гиромидошти хизматҳои фарзандони содиқи миллат ба Оромгоҳи Лучоби шаҳри Душанбе ҳозир шуданд.***



Дар ҷараёни ин боздиди маънавӣ иштирокдорон аз оромгоҳҳои Қаҳрамонони Тоҷикистон — Нусратулло Махсум ва Шириншо Шотемур, инчунин шахсияти маъруфи таъриху фарҳанги миллӣ Нисор Муҳаммад дидан намуда, ба рӯҳи поки онҳо арҷ ва гулчанбар гузошта, дуои хайр карданд.

Ин тадбири фарҳангиву тарбиявӣ дар руҳияи сиёсати хирадмандона ва ташаббусҳои ватансозонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардида, барои таҳкими ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба таърихи давлатдории тоҷикон аҳаммияти муҳим дорад.

Зикр шуд, ки бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хоки ин фарзандони номдори миллат ба Тоҷикистон оварда шуда, номи онҳо ҳамчун муборизони роҳи истиқлол, озодӣ ва давлатдории миллӣ гиромӣ дошта мешавад.

Ҳамзамон, дар рафти маросим хотираи неки дигар намояндагони шинохтаи илму фарҳанг ва адабиёти тоҷик низ пос дошта шуд.

ВОХӮРӢ

# ВОХӮРИИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ БО ДОНИШҶӮЁН ДАР ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ҶОНБУК

**Дар доираи сафари корӣ ба Кореяи Ҷанубӣ ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода бо 19 нафар донишҷӯёни донишгоҳ, ки айни замон дар Донишгоҳи миллии Ҷонбук тибқи барномаи табодули академӣ таҳсил менамоянд, вохӯрӣ анҷом дод.**



Зимни мулоқот ректори донишгоҳ бо донишҷӯён оид ба шароити таҳсил, будубош ва раванди таълиму тарбияи онҳо дар Ҷумҳурии Корея суҳбати озоду самимӣ баргузор намуда, ба сатҳи донишандӯзӣ ва иштироки фаъолони онҳо дар муҳити байналмилалии академӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард. Таъкид гардид, ки истифодаи имкониятҳои таҳсил дар муассисаҳои бонуфузи хориҷӣ барои баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмӣ, такмили донишҳои касбӣ ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир аҳамияти муҳим дорад.

Аҳлиддин Ибодуллозода донишҷӯёнро ба омӯзиши амиқи илму технологияҳои муосир, азхуд намудани таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ва муаррифии шоистаи Тоҷикистон дар муҳити академии хориҷӣ ҳидоят намуд. Ҳамчунин, зикр гардид, ки роҳандозии барномаҳои табодули академӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати байналмилалии донишгоҳ ба ҳисоб рафта, барои таҳкими робитаҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистону Корея заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар навбати худ донишҷӯён барои дастгирӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои таҳсил дар хориҷи кишвар ба роҳбарияти донишгоҳ изҳори сипос намуда, омодагии худро ҷиҳати омӯзиши донишҳои муосир ва саҳмгузорӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни кишвар иброз доштанд.

Бояд таъкид намуд, ки айни замон дар Донишгоҳи миллии Ҷонбук 19 нафар донишҷӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 14 факултет аз рӯйи ихтисосҳои химия, биология, физика, математика, география, таърих, филология, забони англисӣ ва забонҳои романӣ-германӣ дар доираи барномаи табодули академӣ ба муҳлати 6 моҳ ва 1 сол таҳсил намуда истодаанд.

ВАРЗИШ

# ИШТИРОКИ ҲАЙАТИ ДОНИШГОҲ ДАР ДАВИ МИЛЛӢ

**Рӯзи 17.05.2026 дар шаҳри Душанбе бо иштироки ҳазорон нафар сокинону меҳмонони пойтахт Дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ бо шукуҳу шаҳомати хос баргузор гардид.**

Чорабинии мазкур бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим, рушди фарҳанги ҷисмонӣ ва варзиш, таҳкими дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ ва ҷалби бештари аҳолӣ ба машғулиятҳои варзишӣ доир карда шуд.

Дар ин ҳамоиши оммавии варзишӣ ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода, аҳли раёсат, омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён низ фаъолона иштирок намуда, бо рӯҳияи баланд ва эҳсоси ватандӯстӣ аз иқдомҳои созандаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди соҳаи варзиш ва солимии ҷомеа ҷонибдорӣ намуданд.

Иштироки фаъолонаи ҳайати донишгоҳ дар чунин чорабиниҳо бозгӯи таваҷҷуҳи махсус ба тарбияи ҷисмонӣ, таҳкими саломатӣ ва тарғиби арзишҳои миллӣ дар байни ҷавонон мебошад.



КОНФРОНС

# ИШТИРОК ДАР КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТУРКМАНИСТОН



**Кенҷазод Фаридун – сармуҳаррири нашрияи “Омӯзгори ҷавон”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар доираи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Туркманистон, рӯзҳои 11–14 майи соли 2026 дар шаҳри Ашқобод дар Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Туркманистон дар замони муосир: ҳамкорӣ барои таъмини сулҳ, субот ва рушди устувор» иштирок намуд.**

Дар ҷараёни конфронс олимон, коршиносон ва намояндагони доираҳои дипломатӣ аз кишварҳои гуногун масъалаҳои мубрами муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатияи об, ҳуқуқи байналмилалӣ ва роҳҳои таҳкими ҳамкориҳои минтақавиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Конфронс ба як майдони муҳими мубодилаи афкор ва таҷриба табдил ёфт.

Намояндаи донишгоҳ дар ин ҳамоиши бонуфуз дар мавзуи «Дипломатияи об дар Осиёи Марказӣ ва мавқеъи Туркманистон» баромад намуда, фикру назари хешро ба ҳозирин иброз карданд.

Иштирок дар чунин чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ барои густариши ҷаҳонбинӣ, таҳкими робитаҳои илмӣ ва муаррифии дастовардҳои илми тоҷик аҳаммияти калон дорад.

# БОЗДИД АЗ ОСОРХОНАИ МАРКАЗИИ ҶУМҲУРИИ ТУРКМАНИСТОН



**Дар доираи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Туркманистон Кенҷазод Фаридун - Сармуҳарири нашрияи “Омӯзгори ҷавон”- и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз осорхонаи миллии ин кишвар дидан намуд.**

Осорхонаи давлатии Туркманистон дар шаҳри Ашқобод яке аз муҳимтарин марказҳои фарҳангӣ ва таърихии ин кишвар ба шумор меравад. Он соли 1998 таъсис ёфта, имрӯз зиёда аз 500 ҳазор экспонатҳои нодирро дар худ нигоҳ медорад.

Дар толорҳои осорхона бозёфтҳои арзишманди бостоншиносӣ аз давраҳои қадим, аз ҷумла аз Нисои бостонӣ, либосҳои миллӣ, қолинҳо, зеварҳои заррин ва нуқрагин, дастнависҳои қадимӣ ва тангаҳои таърихӣ ба намоиш гузошта шудаанд.

Осорхона аз чанд бахши асосӣ: таърихи қадим, этнография, табиат ва давраи муосир иборат аст. Ҳар як бахш бозгӯкунандаи таърихи чандҳазорсола ва дастовардҳои фарҳангӣ буда, боздиди он барои ҳар як дӯстдори таърих ва фарҳанг имконияти нодирест, то бо мероси ғании марбут ба "Оини зардуштӣ" ва давлатдориҳои Тоҳириёну Сомониён аз наздик шинос шавад.

МАШВАРАТ

# ИШТИРОК ДАР МАШВАРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



**Аз 18 то 20 майи соли 2026 дар шаҳри Москва VII Машварати умумиирусиягии мудирони кафедраҳои химияи органикӣ ва ихтисосҳои ҳаммарз баргузор гардид, ки дар он намояндагони муассисаҳои бонуфузи илмӣ ва таҳсилоти олии кишварҳои гуногун иштирок намуданд.**

Дар кори ин ҳамоиши байналмилалӣ аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муовини ректор оид ба корҳои илмӣ Раҷабзода Сироҷиддин фаъолона иштирок ва бо маърузаи илмии худ таҳти унвони «Синтез и изучение реакции взаимодействия эпихлоргидрина, моно-, и дихлоргидринаглицерина с аминокислотами» баромад намуд.

Маърузаи профессор Раҷабзода ба масъалаҳои муҳими синтез ва омӯзиши реаксияҳои пайвастагиҳои органикӣ бахшида шуда, таваҷҷуҳи иштирокчиёни ҳамоишро ба худ ҷалб кард.

Иштироки олимони донишгоҳ дар чунин чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ барои таҳкими робитаҳои илмӣ, мубодилаи таҷриба ва муаррифии дастовардҳои илмии донишгоҳ дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

# ВОХӮРӢ БО САФИРИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТУРКМАНИСТОН

***14 – уми майи соли 2026 дар доираи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Туркманистон намояндагони донишгоҳҳои олии кишвар бо пазироии самимӣ аз ҷониби Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Туркманистон муҳтарам Ниятбекзода Вафо Алибек дидор ва мулоқот намуданд.***




**Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Туркманистон Ниятбекзода Вафо Алибек суҳбати пурмуҳтаво бо ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олӣ — Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Донишгоҳи дӯстии халқҳои Русия ба номи Патрис Лумумба баргузор карданд.**

Ҳамчунин, муҳтарам Сафир шахсан меҳмононро бо фаъолияти Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Туркманистон шинос намуда, оид ба масъулияти кори дипломатӣ маълумоти ҷолиб ироа карданд.

БАРНОМАИ ИДОНА

# ЧОРАБИНИИ ФАРҲАНГӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ҶАВОНОН



**Шоми 16.05.2026 дар асоси нақша-чорабиниҳои муштараки Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи фарҳангии идонаи ансамбли "Чеҳранамо"-и Донишгоҳ ба ифтихори Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон дар боғи ба номи устод Рӯдакӣ баҳри болидахотирии сокинону меҳмонон ва устодону донишҷӯён баргузор гардид.**

Дар чорабинӣ сардорони раёсату шуъбаҳо, бахшҳо, садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ, кормандон ва омӯзгорону донишҷӯён иштирок намуданд.

Ҳамзамон дастовардҳои илмии омӯзгорон ва донишҷӯён ба маҳрази тамошои меҳмонон ва сокинони шаҳри Душанбе гузошта шуданд.

# КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС – ЗАМИНАИ ТАҲКИМИ МАЛАКАҲОИ КАСБӢ ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ










**Сармуҳаррири нашрияи "Омӯзгор"-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Фаридун Кенҷазод аз рӯи барномаи иловагии касбии такмили ихтисос дар мавзуи «Муқовимат ба терроризм ва экстремизм» ба муддати 100 соат таҳсил намуда, аз ҷониби Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия соҳиби "Шаҳодатнома" ва "Сертификат" гардид.**

Ҳадафи асосии курс баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва қобилияти таҳлилии хизматчиёни давлатӣ дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои муосири терроризм ва экстремизм мебошад.

Курси кӯтоҳмуҳлати такмили ихтисос дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ байни Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия ташкил ва баргузор гардид.

Дар раванди он наздик ба 40 нафар шунаванда, аз ҷумла хизматчиёни давлатӣ ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иштирок намуданд. Машғулиятҳо бо иштироки коршиноси Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия н.и.с. Залисин Игор Юриевич дар сатҳи баланд баргузор гардиданд.

Чунин барномаҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани сатҳи касбият ва таҳкими малакаҳои муосири хизматчиёни давлатӣ дар самти таъмини амнияти миллӣ аҳамияти муҳим доранд.

ХУШХАБАР

# ИШҒОЛИ 9 ҶОЙ ДАР ДАВРИ НОҲИЯВИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ШОҲНОМАХОНӢ»




**Рӯзи 1 майи соли 2026 даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» ҷамъбаст гардид. Дар ин озмун омӯзгорон, магистрантон, донишҷӯён ва хонандагони литсейи Донишгоҳ иштироки фаъол намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд.**

Ғолибон бо ҷом, диплом ва мукофотпулӣ қадрдонӣ шуда, ба даври шаҳрии озмун роҳхат гирифтанд:

Оқилзода Навраста Оқил — омӯзгори кафедраи иқтисодиёт ва идора, ҷойи 2-юм;

Бойзода Марворид — муовини декан оид ба корҳои илмӣ, ҷойи 3-юм;

Ниёзов Дилшод — магистранти соли дуюм, ҷойи 1-ум;

Хизирзода Фариза — донишҷӯи курси 2-юм, ҷойи 2-юм;

Ваҳобова Омина — донишҷӯи курси 4-ум, ҷойи 2-юм;

Муродова Сумая — донишҷӯи курси 2-юм, ҷойи 3-юм;

Шоҳонаи Изатулло — донишҷӯи курси 2-юм, ҷойи 3-юм;

Раҷабова Соҷида — хонандаи синфи 10, ҷойи 2-юм;

Ҷалолзода Муҳаммадиқбол — хонандаи синфи 6, ҷойи 3-юм.

Мавриди зикр аст, ки ҳамаи ғолибон ба даври шаҳрии озмуни «Шоҳномахонӣ» роҳхат гирифтанд.

Раёсати донишгоҳ ҳамаи ғолибонро ба ин дастоварди назаррас самимона табрик намуда, барояшон дар даври шаҳрӣ комёбиҳои нав, илҳоми эҷодӣ ва парчамбардории арзанда орзу менамояд.

# КОМЁБИИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ ДАР ОЛИМПИАДАИ ҶУМҲУРИЯВӢ

***Донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки фаъолона дар Олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои дарёфти "Ҷоми Раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.***




Фатҳуллои Шералӣ — донишҷӯи курси 2-юми факултети география, бо ба даст овардани 88 хол (баландтарин натиҷа) сазовори ҷойи 1-ум гардида, маҳорати баланди илмӣ ва зеҳнии худро нишон дод.

Ҳамзамон, Ойбек Уралов Намозбоевич — донишҷӯи курси 5-уми факултети биология, бо гирифтани 90 хол соҳиби ҷойи 2-юм гардид ва бо иштироки фаъолонаи худ обрӯи донишгоҳро боз ҳам баланд бардошт.

Раёсати донишгоҳ ғолибонро барои ин дастоварди арзанда самимона табрик намуда, ба онҳо дар роҳи илму дониш ва фаъолияти минбаъда муваффақиятҳои боз ҳам бештар орзу менамояд.

Ин пирӯзиҳо далели равшани сатҳи баланди дониш, истеъдод ва кӯшишҳои пайвастаи донишҷӯёни мо мебошанд.

ҲАМОИШ

# НАҚШИ ФИРИСТОДАГОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҒАЛАБА БАР ФАШИЗМ




**Рӯзи 6-уми май соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамоиши илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Нақши фиристодагони Тоҷикистон дар ғалаба бар фашизм» баргузор гардид.**

Дар кори он меҳмонон аз Иниститути таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аҳли раёсати донишгоҳ ва омӯзгорону донишҷӯён иштирок намуданд.

Ҳамоиши илмиро декани факултети таърих ва ҳуқуқ н.и.п., профессор М. Каримзода кушода, сухани муқадимавиро ба муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ н.и.т., дотсент Наҳтулло Айнуллозода доданд. Дар баромади худ мавсуф қайд намуданд, ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз саҳифаҳои фоҷиабор ва ҳамзамон қаҳрамононаи таърихи асри XX ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷанг халқҳои гуногуни Иттиҳоди Шуравӣ барои ҳимояи Ватан, озодӣ ва шарафи инсонӣ бар зидди фашизм мубориза бурданд. Тоҷикистон гарчанде ки аз хатти фронт дур буд, дар ин ғалабаи бузург саҳми назаррас гузошт. Фиристодагони Тоҷикистон – сарбозону афсарон, табибон, коргарон ва деҳқонон бо ҷасорату матонат дар ин мубориза ширкат варзида, номи худро дар таърих абадӣ гардониданд.

Сипас дар мавзуҳои «Саҳми Тоҷикистониён дар ғалаба бар фашизм», «Қаҳрамонии меҳнаткашони Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ», «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст» ва «Қаҳрамониҳои тоҷикон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ» маърӯзаҳо ироа гардид.

# ҒОЛИБИЯТИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ ДАР ОЛИМПИАДАИ ФАННИИ ҶУМҲУРИЯВӢ



**Рӯзҳои 7–8 майи соли 2026 Олимпиадаи фаннии ҷумҳуриявӣ миёни 48 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар баргузор гардид. Дар ин озмуни бонуфуз донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иштироки фаъолона намуда, соҳиби 14 ҷойи ифтихорӣ гардиданд. Аз ҷумла:**

– Неъматзода Шаҳбоз — аз фанни таърих, ҷойи 1-ум;
– Усмонов Валӣ — аз фанни математика, ҷойи 1-ум;
– Фатҳуллоев Шералӣ — аз фанни география, ҷойи 1-ум;
– Шукурзода Дилафруз — аз фанни забони англисӣ, ҷойи 2-юм;
– Холова Фарзона — аз фанни забони русӣ, ҷойи 2-юм;
– Эшонбобоев Ҷаҳонгир — аз фанни сиёсатшиносӣ, ҷойи 2-юм;
– Шоева Меҳрангез — аз фанни ҳуқуқшиносӣ, ҷойи 2-юм;
– Надиров Садриддин — аз фанни химия, ҷойи 2-юм;
– Дилнозаи Мирзовалӣ — аз фанни забон ва адабиёти тоҷик, ҷойи 3-юм;
– Шарипова Шукрона — аз фанни фалсафа, ҷойи 3-юм;
– Мирзоева Сайёра — аз фанни педагогикаи умумӣ, ҷойи 3-юм;
– Мудасираи Давлаталӣ — аз фанни назарияи иқтисодӣ, ҷойи 3-юм;
– Каримов Шоҳмансур — аз фанни информатика, ҷойи 3-юм;
– Уралов Ойбек — аз фанни биология-экология, ҷойи 3-юм.

Ин дастоварди арзишманд нишонаи сатҳи баланди дониш, омодагии хуби илмӣ ва заҳмати пайвастаи донишҷӯён ва омӯзгорони донишгоҳ мебошад.

Раёсати донишгоҳ ҳамаи ғолибон, омӯзгорон ва коллективи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро ба ин муваффақияти назаррас самимона табрик намуда, дар фаъолияти минбаъдаи илмӣ ва таълимӣ барору комёбиҳои бештар орзу менамояд.

# ТАҲКИМИ ФАЪОЛИЯТИ ШУРОҲОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ВА НАШРИЯҲОИ ИЛМӢ: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки намояндагони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари омӯзишӣ баргузор гардид.**



Дар кори семинар муовини раиси Комиссияи олии аттестатсионӣ Шарифзода Мумин Машокир, мушовири раиси Комиссия Мирзоев Ашуралӣ Кенҷаевич, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ, номзади илмҳои филологӣ Ваализода Ҳокимхон Сафолиён, мудири бахши иттилоот ва маҷаллаҳои илмии Комиссия Шарифзода Дурандеш Алишер, инчунин аъзои шуроҳои диссертатсионӣ, олимону муҳаққиқон, роҳбарони сохторҳои илмӣ ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.

Семинарро муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои илмии донишгоҳ, номзади илмҳои таърих, дотсент Айнулозода Наҳтулло Айнулло ифтитоҳ намуда, баргузории чунин чорабиниҳои илмиро барои беҳтар гардидани сифати рисолаҳои илмӣ ва рушди фаъолияти маҷаллаҳои илмии тақризшаванда муҳим арзёбӣ кард.

Муовини раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифзода Мумин Машокир зимни суханронии худ таъкид намуд, ки сиёсати илмпарваронаи роҳбарияти олии мамлакат барои рушди илму маориф ва таҳкими иқтидори зеҳнии ҷомеа заминаҳои мусоид фароҳам овардааст.

Дар ҷараёни семинар миёни намояндагони Комиссияи олии аттестатсионӣ, аъзои шуроҳои диссертатсионӣ ва роҳбарони сохторҳои илмии донишгоҳ мубоҳисаи озод ва саволу ҷавоби судманд доир гардид. Иштирокчиён вобаста ба масъалаҳои мубрами соҳаи аттестатсияи илмӣ, аз ҷумла тартиби нави ҳимояи рисолаҳо, баланд бардоштани сифати тақризҳо ва нозукиҳои нашри мақолаҳои илмӣ мубодилаи афкор намуданд.

Мудири бахши иттилоот ва маҷаллаҳои илмии Комиссия Шарифзода Дурандеш Алишер доир ба масъалаҳои рақамикунонии фаъолияти илмӣ, истифодаи низомҳои электронии иттилоотӣ, тартиби нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва мутобиқсозии маҷаллаҳои илмии ватанӣ ба пойгоҳҳои байналмилалии индексатсионӣ ибрози назар кард.

Дар маҷмӯъ, баргузории семинари мазкур барои аҳли илм ва муҳаққиқони донишгоҳ судманд арзёбӣ гардида, ба иштирокчиён тавсияҳои методии муфид ва посухҳои мушаххас ба саволҳои пешниҳодшуда манзур карда шуданд. Ин иқдом метавонад барои ба марҳалаи нави рушд баровардани фаъолияти илмии донишгоҳ заминаи мусоид фароҳам оварад.

ДАСТОВАРД

# ҒОЛИБИЯТИ ДАСТАИ «ОМӮЗГОРИ ҶАВОН» ДАР ДАВРИ ДУЮМИ «МАҲФИЛИ ЗАРИФОН»

***Рӯзи 04.05.2026 дар даври дуюми Озмуни ҷумҳуриявии зеҳнӣ–фарҳангии «Маҳфили зарифон» дастаи «Омӯзгори ҷавон»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ҳунару маҳорати баланд ва тафаккури бурро бар дастаи «Тоҷири аҷам»-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пирӯзӣ ба даст овард.***





















Озмуни ҷумҳуриявии зеҳнӣ–фарҳангии «Маҳфили зарифон» дар доираи татбиқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар баргузор гардида истодааст.

Маҳфили мазкур бо иштироки дастаҳои «Омӯзгори ҷавон» ва «Тоҷири аҷам» дар фазои солими рақобат, дӯстӣ ва эҳтироми мутақобил доир гардида, ҳадафи он таҳкими ҷаҳонбинии зеҳнӣ, рушди тафаккури мантиқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати фарҳангӣ ва густариши ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ миёни ҷавонон арзёбӣ мегардад.

Дар рафти озмун иштирокчиён аз рӯи шартҳои гуногуни зеҳнӣ, саволу ҷавобҳои мантиқӣ ва бахшҳои эҷодӣ дониш, заковат ва маҳорати баланди худро ба намоиш гузошта, бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва омодагии ҷиддӣ ҳунарнамоӣ намуданд.

Дар натиҷаи рақобати пуршиддат ва ҷолиб дастаи «Омӯзгори ҷавон» бо 132 хол бар муқобили 122 холи дастаи ҳариф ғолиб омада, пирӯзии шоистаро соҳиб гардид.

Ин дастоварди арзишманд нишони сатҳи баланди дониш, ҷаҳонбинии васеъ, заковати зеҳнӣ ва омодагии хуби ҷавонони донишгоҳ буда, бори дигар мақому мартабаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро дар арсаи озмунҳои ҷумҳуриявӣ муаррифӣ намуд.

Дастаи «Омӯзгори ҷавон»-ро ба ин пирӯзии арзанда самимона муборакбод гуфта, дар марҳилаҳои минбаъда барояшон комёбиҳои боз ҳам бештар орзу менамоем!


(Идома дар саҳ. 9)

## МУЖДАҲОИ ИСТИҚЛОЛ!

**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияи «Омӯзгори ҷавон» рубрикаи вижаро пешниҳод мекунад, ки ҳадафи он бозгӯ ва таҳлили дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, бахусус саҳми муассисаҳои илмӣ-маърифатӣ дар рушди кишвар мебошад. Дар доираи ин бахш мавод оид ба комёбиҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун яке аз марказҳои бонуфузи тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, рушди илму маориф, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи ислоҳоти соҳа мунтазам ба нашр мерасад. Рубрика минбари муаррифии иқдомҳои нав, таҷрибаи пешқадам ва нақши Донишгоҳ дар тарбияи насли худогоҳу ватандӯст дар даврони Истиқлол хоҳад буд.**

# ЧОРАБИНИИ ИЛМӢ - ФАРҲАНГӢ ДАР ДОНИШГОҲ

***Рӯзи 15 - уми майи соли 2026 дар толори фарҳангии биної асосии донишгоҳ чорабинии илмӣ-фарҳангӣ дар доираи ҳафтаи “Франкофония” бахшида ба 35 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 95 солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид.***



Дар чорабинӣ Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хонум Элза Пинёл, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ, профессор Қурбонзода Р., атташеи фарҳангии сафорати Фаронса дар Тоҷикистон, ҷаноби Маттю Колэ ва дигар меҳмонон иштирок намуданд.

Пас аз қабул меҳмонон аз осорхонаи донишгоҳ дидан намуда, таассуроти хубе аз таърихи донишгоҳ бардоштанд.

Сипас муовини ректор Қурбонзода Р. меҳмононро хушомадед гуфта, миннатдории ректори донишгоҳро ба онҳо расонд. Муовини ректор дар рафти суханронии худ аз муносибатҳои хуби Тоҷикистону Фаронса, робитаҳои гуногун ва тавсеаи онҳо дар оянда гуфта гузашт. Номбурда ҳамчунин барои нашри “Донишномаи Фаронса”, ки бо кумаки молиявии Сафорати Фаронса дар Тоҷикистон ба табъ расидааст ба сафир миннатдорӣ намуд.

Сафири Ҷумҳурии Фаронса баромад намуда ба раёсати донишгоҳ ва муовини ректор ҷиҳати қабули самимӣ миннатдорӣ карда, таъкид намуд, ки минбаъд низ ҷониби Фаронса дар рушди ҳамкориҳо бо Тоҷикистон назари нек дорад.

Баъдан профессор С. Султонзода бо нишон додани презентатсия дар экрани калон дар хусуси мазмун ва мундариҷаи “Донишномаи Фаронса” суханронӣ намуд.

Дар фарҷом чорабинии фарҳангии омоданамудаи донишҷӯён пешкаши ҳозирин карда шуд.

# КОНФРОНС: МИРЗО ТУРСУНЗОДА – ШОИРИ МИЛЛӢ ВА ШАХСИЯТИ ҶАҲОНӢ



**Рӯзи 5-уми майи соли 2026 дар Осорхонаи адабии Мирзо Турсунзода дар шаҳри Душанбе Конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Мирзо Турсунзода – шоири миллӣ ва шахсияти ҷаҳонӣ» баргузор гардид.**

Чорабинӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 95-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва 115-солагии зодрӯзи Мирзо Турсунзода баргузор гардида, бо ибтикори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии факултети филологияи тоҷик роҳандозӣ шуд.

Дар бахши ифтитоҳии конфронс олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намуда, паҳлуҳои гуногуни мавзуъро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд.

Дар фарҷоми конфронс донишҷӯён аз осори шоир шеъру достонҳоро бо маҳорати баланд қироат намуданд.

## ТОЗАНАШР




**Бо чунин ном гулчини чакомаҳои мудири шуъбаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ»-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ Фотима Ҷурабекзода фароҳам омадаанд, ки муаллиф онро армуғоне ба пешвози ҷашнҳои пуршукӯҳи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 95-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода намудааст.**

Маҷмуа шеърҳоеро дар бар мегирад, ки дар мабнои онҳо амалҳои неки инсоният барои таҳкими ваҳдату ободии кишвар ва пешрафти ҷомеаи донишмеҳвар қарор доранд.

# ЧОПИ МОНОГРАФИЯИ ИЛМӢ

**Ба тозагӣ монографияи илмии «Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дулонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд» аз чоп баромад. Муаллифони асар Каримзода Ф.У., Юсуфӣ С.Ҷ. ва Раҷабзода С.И. буда, китоб натиҷаҳои таҳқиқоти фарогири илмиро дар самти фармакогнозия ва технологияҳои дорусозӣ дар бар мегирад.**

Дар монография хусусиятҳои шифобахши растании дулонаи туркистонӣ (Crataegus turkestanica), таркиби кимиёвӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар таҳияи доруҳои муосир мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллифон бо такя ба таҳқиқоти таҷрибавӣ нишон додаанд, ки ин растанӣ дорои моддаҳои




фаъоли биологӣ буда, метавонад дар беҳтарсозии фаъолияти дилу рагҳо ва системаи асаб нақши муассир бозад.

Китоб бо тавсияи Шурои илмӣ-методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба нашр расида, барои муҳаққиқон, донишҷӯён, магистрантон ва мутахассисони соҳаи фарматсевтика аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамзамон, дар доираи ҳамин пажӯҳиш муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба корҳои илмӣ Раҷабзода Сироҷиддин аз Идораи патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби шаҳодатнома гардидааст, ки навоварии илмии ӯро дар самти таҳияи шаклҳои нави доругӣ тасдиқ менамояд.

Ин нашри тоза қадами муҳим дар рушди илми фарматсевтии ватанӣ ва истифодаи захираҳои табиии кишвар арзёбӣ мегардад.

**Аз ҷуруни бостон**
**ояд садои Борбад,**
**Аз лаби Сосониён**
**ояд садои Борбад.**
**“Шашмақом”-и тоҷикон дорад**
**мақом аз барбаташ,**
**Аз гулӯи тоҷикон**
**ояд садои Борбад.**

Дар манбаъҳои зиёди хаттӣ Борбадро асосгузори мусиқии аҳди Сосонӣ ва умуман, Шарқ қаламдод кардаанд. Борбад дар илми мусиқӣ китобе ҳам тасниф кардааст, ки онро олимони Аврупо эътироф намудаанд. Шеърҳои мансури бо услуби саҷъ эҷоднамудаи Борбад, ки “фаҳлавиёт” ном доштаанд, ӯро чун шоири тавоно ва лирик муаррифӣ кардаанд. Ағлаби ашъори ғиноии хешро ӯ бадоҳатан месурудааст. Азбаски Борбад чун устоди барбатӣ ашъори мансури ғиноии худро дар базмҳои шоҳ Хусрави Парвиз сурудааст, онҳоро “хусравонӣ” номидаанд.

Ҳарчанд ки баъзеҳо ӯро чун муғаннии афсонавӣ муаррифӣ намудаанд, шахсияти таърихии ӯ бармало тасдиқ шудааст. Мусиқишинос Ҷ.Рауанет ба ҳамин маънӣ ишора намуда, таъкид кардааст, ки “Ҳеҷ ҳунарваре мисли Борбад зеби саҳифаҳои таърих нашудааст”.

Борбад дар миёни муаррихон ва мусиқишиносон бо номҳои Фаҳлбаз ва Паҳлапат низ шуҳрат дорад. Дар илми мусиқии олам асосгузори ин илмро Пифагор донистаанд, ки талаффузи арабиаш Фишоғурс аст. Мусиқишиноси асри ҳаштуми араб Абуюсуф Яъқуб Исҳоқи Киндӣ ҳунари Борбадро аз арабҳо муқаддамтар дониста, мартабаи ӯро аз Пифагор ҳам болотар гузоштааст: “Ин устоди мусиқӣ ҳунараш ба марҳалае расид, ки Фишоғурс аз даҳанҳо афтод ва ихтирооти Борбад бар шеваҳои аҷиб, дастону алҳони шевои дилангезе дар ҳама мамолики Аҷаму Араб танин медод”. Аз таҳқиқоти мусиқишиносон бармеояд, ки Борбад бо лаҳну дастон ва чомаҳои худ дар Эронзамин ин ҳунарро чун илм бунёд ниҳодааст. Аз ӯ зиёда аз 360 дастон, сӣ лаҳни мураккаб ва 7 дастгоҳи ҷомеи “хусравонӣ” мерос мондааст, ки онҳо ҳадафҳои муайян доранд. Ба ибораи дигар, 360 дастони Борбад ба 360 рӯзи сол, 30 лаҳни ӯ ба рӯзҳои моҳ ва 7 дастгоҳи “хусравонӣ”-аш ба рӯзҳои ҳафта мутобиқат мекунанд. Олими маъруфи Эрон Саид Нафисӣ ҳам ба ин масъала рӯшанӣ андохтааст ва андешаҳои худро перомуни мақоми Борбад иброз доштааст. Лозим ба тазаккур аст, ки “Шашмақом”-и мо тоҷикон аз “Дувоздаҳмақом” ва “Дувоздаҳмақом” аз ҳамин таснифоти Борбад сарчашма мегиранд. Агар перомуни сӣ лаҳн ва сесад дастони Борбад ҳарф занем, сухан тул мекашад, аммо номбар кардани ҳафтдастгоҳи ӯро, ки дар осори адибони мо гаштаву баргашта зикр шудаанд, дар ин ҷо воҷиб мешуморем: “Ганҷи Гов”, “Ганҷи Бодоворд”, “Ганҷи Арус”, “Ганҷи Сӯхта”, “Ганҷи Сохта”, “Ганҷи Фаридун” ва “Ганҷи Афросиёб”.

Сувари Борбад чун сароянда ва навозандаи нотакрор дар адабиёти классикии форсу тоҷик, бавижа дар осори Абулқосим Фирдавсӣ, Манучеҳр, Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ мақоми махсус дорад.

# БОРБАД – НАМОДИ МУСИҚИИ АҶАМ

Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”-и безаволи худ, дар “Достони Борбади ромишгар” мавзуи ба дарбори Хусрави Парвиз роҳ ёфтани Борбадро бо сужети ҷолиб ба риштаи тасвир кашидааст. Сарромишгари дарбори шоҳ Саркаш аз рӯйи ҳасад ба дарбон ришва дода, садди роҳи Борбад мешавад, то ин ки ӯ ба дарбор роҳ наёбад ва шуҳрати он сарромишгар аз даст наравад. Аммо Мардуй ном боғбон аз роҳи хайрхоҳӣ имконият фароҳам меоварад, ки дар айёми Наврӯз Борбад пинҳонӣ ба боғи шоҳ даромада, дар шохи дарахт шабона нағмасарой кунад ва таваҷҷуҳи шоҳро ба худ ҷалб намояд. Бо ин баҳона ӯ ба мулоқоти Хусрави Парвиз мушарраф шуда, мақому унвони сарромишгари дарборро дармеёбад. Фирдавсӣ дар достони зикршуда чанд лаҳни сурудаи Борбадро номбар кардааст. Достон бо фасли “Шевани Борбад бар Хусрав” поён меёбад. Баъди аз тарафи аъроб ба шикаст мувоҷеҳ шудани Хусрави Парвиз ва рахна ёфтани тамаддуни Эронзамин Борбад ба дарбор омада, бо лаҳни ҳузнангези “паҳлавонӣ” изҳори ҳамдардӣ мекунад ва савганд меҳӯрад, ки абадан аз ромишгарӣ даст мекашад. Сараввал ангуштони худро мебурад ва баъдан барбати худро оташ мезанад:

**Бибуррид ҳар чор ангушти хеш,**
**Бурида ҳамедошт дар мушти хеш.**
**Чу дар хона шуд, оташе барфурӯхт,**
**Ҳама сози хеш яксар бисӯхт.**

Манучеҳрӣ дар қитъаҳои мухталифи хеш алҳони зиёди Борбадро номбар карда, хусусияти онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст. Низомии Ганҷавӣ дар маснавии “Хусрав ва Ширин” сӣ лаҳни Борбадро қаламдод кардааст. Амир Хусрави Деҳлавӣ дар достони “Ширин ва Хусрав” дар фасли нағмасароии Борбад дар базми Хусрав ва сохтани навоҳои чоргона сухан рондааст:

**Навои Борбад бар моҳ мешуд,**
**Дили Зӯҳра зи раҳ бероҳ мешуд.**

Образи Борбад дар адабиёти муосири тоҷик низ бозтоби рӯшани худро ёфтааст. Зиндаёд Лоиқ Шералӣ дар шеъри “Панҷаҳои Борбад” сараввал аз “Китоб-ут-тоҷ” чунин иқтибос овардааст: “Устоди ағонӣ ва нағамот Борбад бо созу навои хеш Эронзаминро бар халифаҳои аъроб шӯрангезонид, чун ин қасдаш натиҷа надод, панҷаҳои ҳазордастонашро бибурид ва сози барбаташро оташ зад”. Дар зимни ҳамин иқтибос амали фавқулодаи Борбадро шоир бо чунин эҳсоси отифӣ шарҳ додааст:

**Чӣ суд аз дасти ман, гар нашканад дастони ғосибро?**
**Чӣ суд аз захмаи ман, гар ба захми халқ марҳам нест?**
**Чӣ суд аз панҷаи ман, то натобад панҷаи золим?**
**Чӣ суд аз нағмаи ман, то ба дарди халқ ҳамдам нест?**
**Ало мардум,**
**Ман аз дарди шумо зодам,**
**Ман аз ёди шумо зодам,**
**Ман аз хоки тапишҳои шумо рустам,**
**Зи бунёди шумо зодам!**
**Агар ман Борбад бошам,**
**Ба ҷои орзуҳои ҷаҳонзоди шумо зодам!**

Дар ин шеъри миллатдӯстонаи устод Лоиқ садои пур аз хашму нидои саршор аз нангу номуси Борбад аз қаъри асрҳо ба гӯш мерасад. Борбад на танҳо чун устоди санъат, инчунин пуштибони ватани аҷдодӣ, посдори арзишҳои миллии Эронзамин ҷилва мекунад. Навҳаи ӯ навҳаи тамоми мардуми тамаддунофари Эронзамин аст, навҳаест, ки чун дуд аз мусибати аз даст рафтани дороиҳо ва сарватҳои маънавии миллат, аз қабили эътиқодҳои милливу “Авасто” бар фалак мепечад. Безаволи ному ҳунар ва мероси Борбад пас аз қарнҳои мадид низ барқарор мондааст. Руҷуи руҳи ӯ дар хулосаи шеър баландтар садо медиҳад:

**Пас аз ман баъд мефаҳмед:**
**Ватанро дар раҳи диноварӣ ҳарвонагаҳ кардед,**
**Аҷамро рӯсиёҳ кардед...**
**Замоне ёд меоред аз ман**
**Ва аз ангуштҳои ханҷари навмедӣ бибрида**
**Ва ҳам аз барбати дар оташи навмедӣ сӯзида.**
**Замоне ёд меоред аз ман,**
**Ки аз дарди Аҷам дар бекаронҳо**
**Навои Борбад барбод гардида...**

Бозор Собир дар шеъри “Борбад” мақоми ин нобиғаи санъатро аз Пифагор кам намедонад. Ӯро чун ровии беназири яштҳои “Авасто” ва афрӯзандаи оташи Зардушт ва зиндонигоҳдорандаи оинҳои миллӣ қаламдод мекунад:

**Фишоғурси фишоғурсони дунё Борбад буда,**
**Навогар ровии яшти “Абисто” Борбад буда.**
**Забонаш чун забона будааст аз оташи Зардушт,**
**Варо куштаст он ки оташи Зардуштро мекушт...**

Шоир ба асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик будани устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ишора карда, дар ин зимн, нахустин устоди санъати мусиқӣ будани Борбадро таъкид намудааст:

**Нахустустоди устодони хунё Борбад буда,**
**Ба нисбат Рӯдакии санъати мо Борбад буда.**
**Гирифта андар олам роҳи уду барбату қонун,**
**Саросар оламеро Борбад паймуда бо нохун.**

Шоир Зиё Абдулло дар бузургдошти Борбад таҳти унвони “Хуни мусиқӣ” шеъре эҷод карда, дар фазо хомӯш нашудани садои Борбад ва сози мусиқии ӯро амри табиӣ медонад:

**Аз миёни ин ҳама садсолаҳо**
**Савтҳои Борбад хоҳӣ шунид,**
**Аз фалакҳову зи дарё**
**Хоҳӣ овози маҳу моҳӣ шунид...**

Доро Наҷот дар шеъри “Навои Борбад”, ки мазмуни худшиносии миллӣ дорад, бо шеваи тааҷҷуб таъкид мекунад, ки мо бояд аз оҳангҳои Бетховен, ки хоси Ғарб асту хеле баъдтар пайдо шудааст, навои Борбади ҳамхуну ҳамзабони худро муқаддамтар донем ва ба он арзиши баландро қоил шавем. Мо бояд огоҳ



**Равшани Ҳамроҳ,**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

бошем, ки кӯчиён оҳангҳои ӯро升 дуздона аз худ кардаанд:

**Шигифто,**
**Ҷумлаи оҳанги Бетховен**
**Ҳамонанде агар бо созҳои арғунуни барқу боронҳост,**
**Чаро бояд навои Борбадро мо набинюшем**
**Зи сози чак-чаки борони шифти хонаи нисёнии таърих?**
**Чаро бояд набинюшад**
**Ҳавои Борбадро тоҷике, к-аз рӯдбори “Шашмақом”-аш**
**Мазраҳои хушки табъи кӯчиён шодоб гардида?**
**Шоир дар анҷоми шеър даъват мекунад, ки:**
**Ва бояд Борбадро мо дигар чун Рӯдакӣ кобем,**
**Дигар созу адояшро**
**Чу савти рӯди шеъри Рӯдакӣ ёбем.**

Роҷеъ ба мақому манзалат ва хидматҳои дар соҳаи мусиқӣ анҷомдодаи ин нобиғаи санъат аз тарафи олимону санъатшиносони Машриқу Мағриб рисолаҳову асарҳои махсус ба нашр расидаанд, ки аз шахсияти нотакрор будани ӯ нақл мекунанд. Соли 1989 аз тариқи нашриёти “Маориф” ба истиқболи 1400-солагии саромади мусиқии Шарқ Борбад китобе таҳти унвони “Борбаднома” ба нашр расид, ки мураттиб, муаллифи сарсухан ва тавзеҳоти он Аскаралӣ Раҷабов буда, китоби мавриди назар аз гулчини назми классикони адабиёти форсу тоҷик ва адибони муосири тоҷик, инчунин, зикри шахсияти Борбад дар осори илмии олимони санъатшиноси олам фароҳам омада, дар шинохти ин нобиғаи санъат ҳамчун маъхази муътамад хидмат мекунад.

Имрӯз ҳар яки мо дар назди руҳи Борбад- ин абармарди таърих, намоди мусиқии Аҷам мадюнем ва мувваззаф ҳастем, ки на танҳо ёди ӯро пос дорем, инчунин, мероси мусиқии ӯро, тавре ки қаблан таъкид шуд, чун осори мондагори устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омӯхта мавриди истифода қарор диҳем ва ба ояндагон мерос гузорем.

# СИНО — НОБИҒАИ ТОҶИК
## ВА СИТОРАИ ДУРАХШОНИ ИЛМУ ТАМАДДУНИ БАШАРӢ



**Ҳамза Боқиев, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик**

Абуалӣ ибни Сино аз ҷумлаи бузургтарин нобиғаҳои миллати тоҷик ва яке аз машҳуртарин донишмандони таърихи башарият мебошад. Номи ӯ дар саҳифаҳои таърихи илму фарҳанги ҷаҳон бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст. Ибни Сино ҳамчун фарзанди фарзонаи халқи тоҷик дар рушду такомули илмҳои тиб, фалсафа, мантиқ, риёзиёт, нуҷум ва дигар улуми замони худ саҳми беназир гузоштааст. Осори гаронбаҳои ӯ имрӯз низ аҳаммияти илмии худро гум накарда, ҳамчун сарчашмаи муҳими маърифат дар ҷаҳон истифода мешаванд.

Дар кишварҳои Аврупо ӯро бо номи «Авитсенна» мешиносанд, ки шакли таҳрифшудаи номи арабии ӯ мебошад. Аммо барои мардуми тоҷик ӯ пеш аз ҳама рамзи хиради тоҷикона, фарҳанги волои тоҷикӣ ва тамаддуни куҳанбунёди тоҷикон аст.

Номи пурраи ин нобиғаи тоҷик Абуалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Сино буда, дар сарчашмаҳои таърихӣ бо лақабҳои «Шайхурраис», «Ҳуҷҷатулҳақ» ва «Шарафулмулк» низ ёд шудааст. Ӯро ҳамчун «пири ҳакимони Машриқзамин» мешиносанд, зеро дар ҷаҳони ислом ва фарҳанги форсии тоҷикӣ мақоми бисёр баланд доштааст.

Абуалӣ ибни Сино 16 августи соли 980 дар деҳаи Афшанаи назди Бухоро, ки яке аз марказҳои муҳими тамаддуни тоҷикон ба шумор мерафт, дар оилаи тоҷик ва фарҳангпарвар ба дунё омадааст. Падараш Абдуллоҳ аз мардуми Балх — яке аз шаҳрҳои бостонии тоҷикон буда, дар дастгоҳи давлатии Сомониён фаъолият мекард. Модараш Ситорабону зани тоҷик аз деҳаи Афшана буд.

Муҳити маънавию фарҳангии хонадон барои ташаккули шахсияти илмии Сино таъсири бузург гузошт. Ҳанӯз аз овони кӯдакӣ истеъдоди фавқулодаи ӯ дар илмомӯзӣ ошкор гардид. Дар синни даҳсолагӣ Қуръони каримро аз ёд кард ва ҳамзамон ба омӯзиши адабиёти форсии тоҷикӣ, мантиқ, ҳисоб ва илмҳои дақиқ машғул шуд.

Ӯ аз донишманди маъруфи замон Абуабдуллоҳи Нотилӣ таълим гирифта, мантиқ, ҳандаса ва нуҷумро омӯхт. Баъдтар мустақилона ба омӯзиши фалсафа ва тиб пардохт ва дар муддати кӯтоҳ ба дараҷаи баланди илмӣ расид.

Камолоти илмии Ибни Сино маҳз дар муҳити давлатдории тоҷикони Сомонӣ сурат гирифт. Давлати Сомониён яке аз марказҳои бузурги фарҳангу тамаддуни форсии тоҷикӣ ба ҳисоб мерафт ва барои рушди илму адаб шароити мусоид фароҳам оварда буд.

Ибни Сино дар ҳамин муҳити маърифатпарвар ба воя расид. Вақте ки амири Сомонӣ — Нӯҳ ибни Мансур ба бемории сахт гирифтор шуд, Ибни Сино ӯро бо маҳорати баланди тиббӣ муолиҷа намуд. Баъди ин хизмат ба китобхонаи машҳури Сомониён роҳ ёфт. Ин китобхона яке аз бузургтарин ганҷинаҳои илмии ҷаҳони он рӯз ба шумор мерафт ва дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии донишманди тоҷик нақши муҳим бозид.

Пас аз сукути давлати Сомониён вазъи сиёсӣ ноором гардид ва Ибни Сино маҷбур шуд Бухороро тарк намояд. Ӯ дар шаҳрҳои гуногуни ҷаҳони ислом — Хоразм, Гургон, Рай, Қазвин, Ҳамадон ва Исфаҳон зиндагӣ ва фаъолият кардааст.

Дар Ҳамадон муддате вазири Шамсуддавла буд. Бо вуҷуди корҳои давлатӣ, аз фаъолияти илмӣ бознаистод ва муҳимтарин асарҳои худро дар ҳамин давра таълиф намуд.

Ӯ ҳатто дар рӯзҳои сахти зиндон низ аз навиштани китоб даст накашид. Дар маҳбас рисолаҳои «Ҳай ибни Яқзон», «Ҳидоя» ва «Китоб-ул-қулинҷ»-ро таълиф намуд, ки аз осори арзишманди илмии ӯ ба шумор мераванд.

Ибни Сино зиёда аз 450 асар навиштааст, ки қисми зиёди онҳо то имрӯз боқӣ мондаанд. Осори ӯ ба забонҳои арабӣ ва форсии тоҷикӣ таълиф гардидаанд.

Аз ҷумлаи муҳимтарин асарҳои ӯ инҳоянд:

-Ал-Қонун фит-тиб — машҳуртарин энсиклопедияи тиббии асрҳои миёна;

- Китоб-уш-шифо — доир ба фалсафа, мантиқ ва илмҳои табиӣ;

-Донишнома;

-«Ҳидоя», «Ишорот ва танбеҳот», «Ҳай ибни Яқзон» ва дигар рисолаҳои илмӣ.

Хусусан, китоби «Ал-Қонун фит-тиб» дар донишгоҳҳои Аврупо қариб шаш аср ҳамчун китоби асосии тиб омӯзонида мешуд. Ин далели равшани нуфузи бузурги илми тоҷик дар ҷаҳон мебошад.

Имрӯз миллати тоҷик бо номи Ибни Сино ифтихор мекунад. Ӯ аз бузургтарин намояндагони фарҳангу тамаддуни форсии тоҷикӣ ба шумор меравад. Забони модарии ӯ дарӣ — форсии тоҷикӣ буд ва маҳз дар ҳамин муҳити фарҳангӣ ҷаҳонбинии илмии ӯ ташаккул ёфт.

Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ дар васфи ин нобиғаи тоҷик чунин мегӯяд:

**Араб гӯянд Синоро гурӯҳе,**
**Гурӯҳе форс ё тоҷик донанд.**
**Гурӯҳе ӯзбакаш гӯянду лекин,**
**Агар сад бор осораш бихонанд,**
**Нафаҳманду паи тафсири ҳар ҳарф**
**Ҳама муҳтоҷи некӯ тарҷумонанд.**
**Ҳама даъво кунанд:**
**«Аз миллати мост,**
**Фалон модар фалон солаш бизода».**
**Дигар миллат ба дунёи тамаддун**
**Чу Сино зуфунунеро надода…**
**Чӣ лозим ин ҳама фарёду даъво?**
**Чӣ лозим ин ҳама исботу бурҳон?**
**На аъробӣ, на ӯзбак будааст ӯ,**
**Фақат будаст инсони ҳамадон.**
**Бухоро пойтахти тоҷикон буд,**
**Дар он ҷо Бӯалӣ омад ба олам.**
**Дарӣ буда забонаш, лек омӯхт**
**Забони ҷумла давру ҷумла одам.**

Ин абёти пурмазмун мақоми баланди Ибни Синоро ҳамчун фарзанди миллати тоҷик ва шахсияти умумибашарӣ хеле равшан нишон медиҳанд.

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба омӯзиш ва гиромидошти мероси Ибни Сино бештар гардид. Бо сиёсати фарҳангпарваронаи Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва муаррифии тамаддуни тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ вусъати тоза пайдо кард. Бо ташаббус ва дастгирии Пешвои миллат осори донишмандони бузурги тоҷик, аз ҷумла Ибни Сино, дубора таҳқиқ ва нашр мешаванд. Таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб аз иқдомҳои муҳим ва таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои муаррифии илми тоҷик дар ҷаҳон аҳаммияти бузург дорад.

Маҳз бо талошҳои Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ бештар ба таъриху фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Эҳёи арзишҳои миллӣ, гиромидошти шахсиятҳои бузурги тоҷик ва муаррифии фарҳанги форсии тоҷикӣ дар сатҳи байналмилалӣ аз хизматҳои арзишманди Пешвои миллат ба ҳисоб мераванд.

Абуалӣ ибни Сино нобиғаи бузурги миллати тоҷик ва яке аз чеҳраҳои мондагори тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад. Ӯ бо ақлу заковати баланд, ҷаҳонбинии васеъ ва меҳнати беандозааш дар рушду такомули илмҳои гуногун саҳми ҷовидонӣ гузошт.

Осори гаронбаҳои ӯ имрӯз низ аҳаммияти бузурги илмӣ дошта, барои инсоният хизмат мекунанд. Мероси Ибни Сино далели равшани бузургии фарҳанг, тамаддун ва тафаккури миллати тоҷик мебошад.

Ҳар як фарди тоҷик бояд аз чунин фарзанди фарзонаи миллат ифтихор намояд ва барои ҳифзу муаррифии мероси пурғановати фарҳанги форсии тоҷикӣ саҳм гузорад.

# ХУСУСИЯТҲОИ ФОНЕМАҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

**Забон ҳамчун низоми мураккаби алоқаи иҷтимоӣ аз маҷмӯи воҳидҳои овозӣ, луғавӣ ва грамматикӣ таркиб ёфта, яке аз муҳимтарин василаҳои муоширати инсон ба ҳисоб меравад. Он на танҳо воситаи интиқоли иттилоот, балки омили ташаккули тафаккур, фарҳанг ва ҳувияти миллӣ низ мебошад. Маҳз тавассути забон инсон метавонад фикрҳои худро ба тарзи возеҳ ифода намояд, таҷрибаи иҷтимоии худро мубодила кунад ва дар муҳити ҷомеа фаъолона иштирок намояд. Дар ин низоми мураккаб ҳар як унсур вазифаи муайян дорад, вале дар миёни онҳо воҳидҳои овозӣ, бахусус фонемаҳо, ҷойгоҳи бунёдӣ доранд.**

Фонема ҳамчун хурдтарин воҳиди овозии забон, ки қобилияти фарқгузории маънои калимаҳоро дорад, дар маркази омӯзиши фонетика ва фонология қарор мегирад. Аҳамияти он пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки ҳатто тағйири як фонема метавонад маънои калимаро комилан дигар намояд. Масалан, дар забони англисӣ иваз шудани як овоз дар калима метавонад боиси ба вуҷуд омадани калимаи нав гардад, ки ин падида аҳамияти фарққунандаи фонемаҳоро равшан нишон медиҳад. Аз ин рӯ, фонемаҳо на танҳо унсурҳои техникии талаффуз, балки воситаи асосии фарқгузории маъно мебошанд.

Фонемаҳо дар доираи як низоми муназзам амал мекунанд, ки онро низоми фонемавии забон меноманд. Ин низом аз маҷмӯи садонокҳо ва ҳамсадоҳо иборат буда, ҳар кадоми онҳо дорои хусусиятҳои хоси артикулятсионӣ ва акустикӣ мебошанд. Омӯзиши фонемаҳо аз нигоҳи тарзи талаффуз (артикулятсия), ҷойи талаффуз ва хусусиятҳои садоӣ имкон медиҳад, ки мо қонуниятҳои ташаккули овозҳоро беҳтар дарк намоем. Илова бар ин, фонемаҳо бо падидаҳои дигар, аз қабили зада (stress), оҳанг (intonation) ва ритм (rhythm) робитаи зич доранд, ки дар маҷмӯъ хусусияти овозии нутқро муайян мекунанд.

Забони англисӣ ҳамчун яке аз забонҳои паҳншудаи ҷаҳон дорои низоми нисбатан мураккаби фонемавӣ мебошад. Шумораи фонемаҳои он нисбат ба бисёр забонҳои дигар бештар буда, махсусан гуногунрангии садонокҳо ҷолиби диққат аст. Дар ин забон фарқияти байни садонокҳои кӯтоҳ ва дароз, мавҷудияти дифтонгҳо, инчунин овозҳои махсусе, ки дар бисёр забонҳо вуҷуд надоранд, ба монанди овозҳои байнидандонӣ, аҳамияти калон доранд. Ин хусусиятҳо омӯзиши фонетикаи забони англисиро барои донишомӯзон ҳам ҷолиб ва ҳам то андозае душвор мегардонанд.

Яке аз вижагиҳои муҳими фонемаҳои забони англисӣ он аст, ки онҳо дар нутқи



воқеӣ метавонанд тағйир ёбанд. Масалан, дар нутқи тез ё ғайрирасмӣ баъзе овозҳо ихтисор мешаванд ё ба шакли суст талаффуз мегарданд. Ин падидаро редукция меноманд, ки дар он садонокҳо, махсусан ба овози нейтралии /ə/ (schwa), табдил меёбанд. Ин раванд дар фаҳмидани нутқи зиндаи англисӣ нақши муҳим мебозад ва донистани он барои шунавандагон хеле зарур аст.

Омӯзиши фонемаҳои забони англисӣ на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ низ аҳамияти калон дорад. Пеш аз ҳама, он ба дуруст ва равон талаффуз кардани калимаҳо мусоидат мекунад. Шахсе, ки фонемаҳои забонро дуруст аз худ кардааст, метавонад фикри худро равшан ва фаҳмо баён намояд. Илова бар ин, донистани фарқияти овозҳо ба беҳтар фаҳмидани нутқи дигарон, хусусан гӯяндагони модарзабон, кӯмак мерасонад.

Инчунин, омӯзиши фонемаҳо ба рушди малакаҳои шунавоӣ (listening), гуфтор (speaking) ва ҳатто хониш (reading) таъсири мусбат мерасонад.

Дар заминаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, аҳамияти фонемаҳо боз ҳам бештар мегардад. Бисёр хатогиҳои маъмул дар нутқи донишомӯзон маҳз бо надонистан ё нодуруст истифода бурдани фонемаҳо алоқаманданд. Аз ин рӯ, дар раванди таълим диққати махсус ба омӯзиши фонетика ва фонология дода мешавад. Истифодаи машқҳои шунавоӣ, такрори овозҳо, кор бо луғатномаҳои фонетикӣ ва истифодаи аломатҳои транскрипсионӣ метавонад дар ин самт хеле муфид бошад.

Ҳамин тариқ, фонемаҳо ҳамчун пояи асосии низоми овозии забон нақши ҳалкунанда доранд. Онҳо на танҳо воситаи ташаккули калимаҳо, балки асоси фаҳмиш ва муоширати самаранок мебошанд. Омӯзиши амиқ ва мунтазами фонемаҳои забони англисӣ барои ҳар як шахсе, ки мехоҳад ин забонро дар сатҳи баланд аз худ намояд, зарур буда, ба рушди малакаҳои забонӣ ва баланд бардоштани сифати муошират мусоидат мекунад.

**Бобоев Савриддин, магистри курси 1-уми факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ**

# ИБНИ СИНО ДАР МАСИРИ БУНЁДИ ИНСОНӢ ВА АҲАММИЯТИ ТАЪСИСИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТӢ БА НОМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО




**Бузургонро бузургон зинда медоранд. Бале! Аҳамияти хосса ва таваҷҷӯҳи ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шахсиятҳои муътабару маъруф, олимону орифон, қаҳрамонону ҷонсупурдагони миллат ин худ бузургӣ ва муътабарии инсонро нишон медиҳад.**

Албатта, барои ҳар яки мо маълум аст, ки дар сиёсати фарҳангӣ ва илмии Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба эҳёи арзишҳои миллӣ ва муаррифии садҳо шахсиятҳои бузурги миллати тоҷик аҳамияти махсус медиҳад. Бо ташаббус ва дастгирии ин шахсияти раиятпарвар осори чандон донишмандон ва мутафаккирони бузурги тоҷик, аз ҷумла мероси Абуалӣ ибни Сино, мавриди омӯзиш ва тарғиби васеъ қарор гирифта истодааст. Дуруст аст, ки Пешвои муаззами миллат дар суханрониҳои хеш пайваста иброз медоранд, ки рушди давлат бе рушди илм ва дониш ғайриимкон аст. Маҳз дар доираи ин сиёсати дурбинона таваҷҷуҳ ба дастгирии олимон, муҳаққиқон ва навоварон афзоиш ёфтааст.

Дар замири гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ ибни Сино низ дар заминаи ҳамин сиёсати илмпарварона ва фарҳангдӯстона арзёбӣ мешавад. Ин иқдом нишон медиҳад, ки давлат ба рушди илми муосир, тарбияи кадрҳои баландихтисос ва истифодаи таҷрибаи бузургони гузашта аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад.

Ҳамчунин, ин ташаббуси нек номи Абуалӣ ибни Синоро ҳамчун яке аз чеҳраҳои барҷастаи тамаддуни тоҷикон дар сатҳи байналмилалӣ боз ҳам бештар муаррифӣ гардонида, ҷойгоҳи ӯ дар таърихи илм ва фарҳанги ҷаҳон боз ҳам таҳким меёбад.

Қайд кардан бо маврид аст, ки Абуалӣ ибни Сино аз ҷумлаи шахсиятҳои барҷастаи таърихи башарият буда, осори илмии ӯ дар рушди тиб, фалсафа, мантиқ, педагогика, психология, табиатшиносӣ ва дигар соҳаҳо нақши муҳим бозидааст. Аз ин рӯ, таъсиси ҷоиза ба номи ӯ дорои чанд аҳамияти муҳим мебошад:

Аввал, ин ҷоиза барои қадршиносӣ ва ҳавасмандгардонии олимон, муҳаққиқон, табибон ва ихтироъкорон хизмат мекунад.

Дуюм, ҷоиза ба баланд бардоштани нуфузи илм дар ҷомеа ва ҷалби ҷавонон ба корҳои таҳқиқотӣ мусоидат мекунад. Ҳар қадар илм бештар қадр шавад, ҳамон қадар насли нав ба омӯзиш ва навоварӣ рӯ меорад.

Сеюм, он барои ҳифз ва тарғиби мероси гаронбаҳои илмии Ибни Сино нақши муассир мегузорад. Номи ин донишманди бузург барои ҷавонон намунаи ибрат ва сарчашмаи илҳом мегардад.

Чорум, ҷоиза ба рушди соҳаҳои афзалиятноки илм, махсусан тиб, фармасевтика, биотехнология ва дигар бахшҳои муҳими ҷомеа такони нав мебахшад.

Табиист, ки ҷиҳати дарки ин иқдоми наҷиб ва ташабуси дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назаре ба як гушаи осори илмии Абуалӣ ибни Сино, ки он дар масири бунёди инсонӣ мебошад, назар афканем.

Осори А. Сино ниҳоят калон буда, ӯ муаллифи чорсад асар мебошад, ки баъзеашон, аз он ҷумла «Китоб-ул-инсоф» (20 ҷилд) аз байн рафтааст. "Ал-қонун–фи–тиб"-и Сино дар арзи шаш аср манбаи донишҳо ва китоби дарсии табибони шарқу ғарб буд.

Ақидаҳои таълимию тарбиявии А. Сино дар асарҳои ӯ «Донишнома», «Рисолаи нафс», «Пирӯзнома», «Зафарнома», «Тадбири манзил», «Ишорат ва танбеҳот», ва ғайра доир ба масъалаҳои тарбия, таълим ва роҳу усулҳои ташкил ва ба роҳ мондани он як қатор фикрҳои ҷолиберо баён кардааст, ки аксари онҳо то имрӯз қимати худро гум накардаанд ва асоси дидактикаи муосирро ташкил медиҳанд. Тибқи андешаи Сино тарбияи ахлоқӣ ба тарбияи нафс алоқаи зич дорад ва нафсро тобеи ақл дониста ба ҳамин хусусият аз ҳайвон фарқ кардани инсонро нишон додааст.

Мувофиқи таълимоти педагогии Ибни Сино инсон ҳанӯз ҳангоми дар батни модар буданаш ба объекти ҳимоя ва тарбия табдил меёбад. Назарияи мазкур ва тавсияҳои Сино оид ба реҷаи зани ҳомила (таркиби хӯрок, ишттиҳо, ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ ва ғ.) асоси авастой дорад.

Ибни Сино дар асоси омӯхтани сарчашмаҳои гуногуни Шарқӣ ва Ғарбӣ оид ба тарбия ва таълим ва бо дарназардошти шароитҳои иҷтимой-сиёсӣ ва талаботҳои маънавӣ-ахлоқии давр нисбат ба тарбия ба роҳбарӣ гирифтани талаботҳои зеринро зарур мешуморад:

1. Ба ҳисоб гирифтани синну сол;
2. Интихоби усулҳо ва роҳҳои ба мақсад мувофиқи тарбия ва таълим;
3. Интихоби дурусти маводҳо ва воситаҳои таълим;
4. Нақши муаллим, мураббӣ, падару модар, доя ва рафиқони ҳамсинф дар ташаккули шахсият.

Ибни Сино дар афкори педагогии худ пеш аз ҳама ҳамчун файласуф ва табиб зоҳир мегардад. Ӯ таълим ва тарбияро аз масъалаҳои муҳими иҷтимоии мешуморад. Маҳз аз ҳамин сабаб ӯ дар асарҳояш ба тарафдории тарбияи шахсияти солиму бардам, озодфикр ва ҳаматарафа инкишофёфта баромад мекунад. Ӯ дар татбиқи ин масъала тарбияи меҳнатии ҷавононро дар мадди аввал мегузорад. Ба ақидаи Ибни Сино маҳз меҳнат характери инсонро обутоб дода, тафаккури ҷамъиятии онро ба вуҷуд меорад.

Абӯалӣ ибни Сино дар таълим ва тарбияи инсон ба нақши оила ва мактаб диққати махсус додааст. Бинобар ин ӯ ба падару модарон тавсия медиҳад, ки фарзандонро аз рӯзҳои аввал дар рӯҳияи ҷустуҷӯ, мустаҳқилият ва рафоқат тарбия намоянд, то ки ин хислатҳо минбаъд дар мактабу мадрасаҳо давом дода шавад.

Аҷиб дар он аст, ки Ибни Сино то соли 998 тамоми улуми замонашро аз бар кард ва дар синни ҳаждаҳсолагӣ чун олими комил ба арсаи илм омад. «Чун ба ҳаждаҳсолагӣ расидам, менависад ӯ, - аз омӯхтани ҳамаи ин илмҳо фориғ шудам. Он рӯз дар илм бештар ҳифзкунанда будам, имрӯз пухтатар шудам. Дар хусуси ин ки Ибни Сино дар ҳаждаҳсолагиаш олими комил гардидааст, баҳси ӯ бо Абурайҳони Берунӣ дарак медиҳад, ки солҳои 998-999 дар бораи масоили гуногуни табиёт ва фалсафаи Арасту даргирифта буд. Дар ин бора чунин далел низ гувоҳ аст, ки Ибни Сино дар тӯли солҳои 999-1001, яъне то бисту яксолагиаш, чандин китоби муҳим таълиф кардааст, ки «Китоб-ул-маҷму» («Ҳикмат-ул-арузия»), «ал-Ҳосил ва -л - маҳсул», (дар бист муҷаллад) «ал-Бирр ва -л-исм» аз зумраи онҳоянд. Дар китоби дуюм масоили фалсафа ва дарк китоби сеюм масъалаҳои илми ахлоқиро ба таври мабсут баррасӣ кардааст.

Ба қавли психологони машҳури рус А.В. Петровский ва М.Г. Ярошевский «Ибни Сино - духтур ва психологи машҳури тоҷик мебошад». Ибни Сино ҳамчун забардасттарин олими аср ва шахси энсиклопедист (ҳамадон) аз худ мероси бойе боқи гузоштааст. Асарҳои ӯро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: а) асарҳо оид ба илми тиб; б) асарҳо оид ба фалсафа ва мантиқ; в) асарҳо дойр ба забон ва адабиёту санъат. Асарҳои тиббии олим «Урчуза фит-тиб», «Рисола дар бораи набз» ва «ал-Қонун» буда, дар соҳаи фалсафа «Китоб - уш - шифо», «Ишорот», «Донишнома», «Лисон - ул - араб», «Хай ибни Якзон», «Ат- Тайр», «Салмон ва Абсол», «Мақола дар бораи мусиқӣ», «Қасидаи нафс» барин асарҳояш машҳуранд.

Абуалӣ ибни Сино яке аз бузургтарин намояндагони тамаддуни башарӣ буда, осори ӯ дар роҳи бунёди инсонӣ, рушди илм ва ташаккули арзишҳои волои ахлоқӣ нақши барҷаста дорад. Таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи ӯ на танҳо арҷгузорӣ ба хизматҳои ин нобиғаи ҷаҳонӣ мебошад, балки қадами муҳим дар роҳи дастгирии илм, тарбияи насли донишманд ва таҳкими худшиносии миллӣ ба шумор меравад. Чунин иқдом метавонад барои рушди устувори ҷомеа ва пешрафти илму маърифат дар кишвар заминаи мустаҳкам фароҳам оварад.



**Саидзода Низомиддин Тоҷиддин,**
**н.и.п., дотсент, декани факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

# АЗ ҚАЪРИ ГИЛИ СИЯҲ ТО АВҶИ ЗУҲАЛ...

**Дар таърихи тамаддуни инсоният шахсиятҳое зуҳур намудаанд, ки фаъолияти илмӣ ва мероси маънавии онҳо аз ҳудуди замону макон берун рафта, ба сарвати умумии башарият табдил ёфтааст. Абуалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино яке аз ҳамин гуна чеҳраҳои нодири илму фарҳанг мебошад. Ӯ ҳамчун донишманди бузург, табиби ҳозиқ, файласуфи барҷаста ва мутафаккири ҷаҳонӣ тавонист бо осори илмии худ дар рушди илми Шарқу Ғарб саҳми мондагор гузорад. Номи Ибни Сино имрӯз низ ҳамчун рамзи хирад, дониш ва тамаддуни илмӣ дар ҷаҳон садо медиҳад. Мавқеи Ибни Сино дар таърихи илму фарҳанг аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ӯ тавонист донишҳои замони худро ҷамъбаст намуда, онҳоро ба низоми мукаммали илмӣ табдил диҳад. Осори ӯ на танҳо дар кишварҳои исломӣ, балки дар донишгоҳҳои Аврупо низ садсолаҳо ҳамчун сарчашмаи асосии таълим истифода мегардиданд. Ин нуфуз нишон медиҳад, ки Ибни Сино аз ҷумлаи он нобиғаҳоест, ки тавонистанд ҷаҳонро бо қудрати тафаккури илмӣ ба сӯи маърифат раҳнамун созанд.**

Имрӯз омӯзиши мероси илмии Ибни Сино аҳамияти махсус дорад, зеро осори ӯ на танҳо арзиши таърихӣ, балки аҳамияти бузурги илмӣ ва фалсафӣ низ доранд. Бо дарназардошти ин, таҳқиқи ҷойгоҳи Ибни Сино ҳамчун олими тоҷик ва чеҳраи сатҳи ҷаҳонӣ масъалаи муҳим ва мубрами илмӣ ба ҳисоб меравад.

Шӯҳрати ҷаҳонии Ибни Сино пеш аз ҳама ба соҳаи тиб иртибот дорад. Ӯ яке аз асосгузорони тибби илмӣ ба ҳисоб меравад. Асари машҳури ӯ «Ал-Қонун фи-т-тиб» дар таърихи тиб мақоми махсус дорад. Ин китоб донишҳои тиббии замонро ҷамъбаст намуда, онҳоро ба шакли низомнок ва илмӣ пешниҳод кардааст. «Ал-Қонун фи-т-тиб» аз панҷ китоб иборат буда, масъалаҳои умумии тиб, бемориҳо, усулҳои ташхис, доруршиносӣ ва роҳҳои табобатро фаро мегирад. Ибни Сино дар ин асар на танҳо донишҳои пешина, балки таҷрибаи шахсии худро низ истифода намудааст. Ӯ сабабҳои пайдоиши бемориҳоро таҳлил намуда, ба масъалаи пешгирии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст.

Дар таърихи тиб Ибни Сино яке аз аввалин олимоне буд, ки аҳамияти муҳити зист, ғизо ва ҳолати рӯҳии инсонро дар нигоҳдории саломатӣ таъкид намудааст. Ӯ бар он назар буд, ки инсон бояд тарзи ҳаёти солим дошта бошад. Ин андешаҳо имрӯз низ дар тибби муосир аҳамияти бузург доранд. Ибни Сино дар масъалаи ташхиси бемориҳо низ усулҳои ҷолиб пешниҳод кардааст. Ӯ набзи инсонро омӯхта, аз рӯйи тағйироти он ҳолати беморро муайян мекард. Ин усул дар тибби асримиёнагӣ навоварии муҳим ба ҳисоб мерафт.

Асари «Ал-Қонун фи-т-тиб» садсолаҳо дар донишгоҳҳои Аврупо ҳамчун китоби дарсӣ истифода мешуд. Дар асри XII он ба забони лотинӣ тарҷума гардид ва баъдан дар марказҳои илмии Аврупо паҳн шуд. Ин нуфуз далели он аст, ки Ибни Сино тавонист ҷаҳонро бо дониш ва заковати худ мафтун созад.

Ибни Сино дар баробари тиб ҳамчун файласуфи бузург низ маъруф аст. Ӯ яке аз намояндагони барҷастаи фалсафаи шарқӣ ба ҳисоб меравад. Осори фалсафии ӯ ба рушди тафаккури илмӣ ва мантиқӣ таъсири амиқ расонидаанд. Дар маркази андешаҳои фалсафии Ибни Сино масъалаҳои ҳастӣ, ақл, дониш ва инсон қарор доштанд. Ӯ бар он назар буд, ки ҷаҳон дорои низоми муайян аст ва инсон метавонад тавассути ақлу дониш онро дарк намояд. Ин андеша барои рушди илмҳои табиатшиносӣ аҳамияти калон дошт. Ибни Сино масъалаи робитаи ҷисм ва рӯҳро низ таҳлил намудааст. Ӯ рӯҳро ҳамчун падидаи мустақил арзёбӣ мекард ва барои исботи андешаҳои худ аз далелҳои мантиқӣ истифода мебурд. Дар таърихи фалсафа ин гуна таҳлилҳо аҳамияти бузург доштанд.

Яке аз муҳимтарин асарҳои фалсафии ӯ «Китоб-уш-шифо» мебошад. Ин асар масъалаҳои мантиқ, физика, риёзиёт ва фалсафаро фаро гирифта, ҳамчун энсиклопедияи илмии замони худ шинохта мешавад. Андешаҳои фалсафии Ибни Сино ба мутафаккирони Шарқу Ғарб таъсири калон расонидаанд. Файласуфони аврупоӣ, аз ҷумла Фома Аквинский ва Алберти Бузург, аз осори ӯ истифода бурдаанд. Ин нишон медиҳад, ки Ибни Сино на танҳо мутафаккири шарқӣ, балки файласуфи сатҳи ҷаҳонӣ буд.

Фаъолияти илмии Ибни Сино танҳо бо тиб ва фалсафа маҳдуд намешуд. Ӯ дар рушди илмҳои табиатшиносӣ низ саҳми назаррас гузоштааст. Осори ӯ масъалаҳои физика, астрономия, кимиё, геология ва равоншиносиро дар бар мегиранд. Дар масъалаҳои геология Ибни Сино дар бораи пайдоиши кӯҳҳо ва тағйироти сатҳи замин андешаҳои ҷолиб пешниҳод кардааст. Ӯ бар он назар буд, ки таъсири об, шамол ва дигар омилҳои табиӣ метавонанд шакли заминро тағйир диҳанд. Ин назария баъдан дар илмҳои геологӣ аҳамияти муҳим пайдо намуд. Дар соҳаи астрономия Ибни Сино ҳаракати ҷирмҳои осмониро таҳлил намуда, ба масъалаҳои марбут ба сохтори коинот таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Гарчанде баъзе андешаҳои ӯ ба талаботи илми муосир мутобиқ нестанд, вале барои замони худ арзиши бузурги илмӣ доштанд. Ибни Сино инчунин масъалаҳои равоншиносиро таҳқиқ кардааст. Ӯ ба таъсири ҳолати рӯҳӣ ба саломатии инсон аҳамияти махсус медод. Ба андешаи ӯ, изтироб, ғам ва тарс метавонанд ба ҳолати ҷисмонӣ таъсир расонанд. Ин андешаҳо имрӯз низ дар илми психология ва тибби равонӣ мавқеи муҳим доранд.

Номи Ибни Сино имрӯз дар саросари ҷаҳон маъруф аст. Ӯро дар Ғарб бо номи Авитсенна мешиносанд. Осори илмии ӯ дар асрҳои миёна дар донишгоҳҳои Париж, Болония ва Монпелйе омӯзонида мешуданд. Эътирофи ҷаҳонии Ибни Сино пеш аз ҳама ба қудрати тафаккури илмии ӯ вобаста аст. Ӯ тавонист илмро аз доираи маҳдуди назариявӣ берун оварда, онро ба воситаи муҳими шинохти инсон ва ҷаҳон табдил диҳад. Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои илм ва фарҳанг низ ба шахсияти Ибни Сино таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва китобхонаҳо номи ӯро доранд. Ин далел нишон медиҳад, ки мероси илмии Ибни Сино ба тамаддуни ҷаҳонӣ таъсири амиқ расонидааст. Дар Тоҷикистон низ номи Ибни Сино бо эҳтироми хос ёд мешавад. Донишгоҳҳо, муассисаҳои тиббӣ ва марказҳои илмӣ номи ӯро гирифтаанд. Ин арҷгузорӣ нишонаи ифтихори миллӣ ва эҳтиром ба мероси илмию фарҳангии ниёгон мебошад.

Мероси илмии Ибни Сино дорои арзишҳои бузурги маънавӣ мебошад. Ӯ илмро воситаи асосии такомули инсон медонист. Ба андешаи ӯ, дониш инсонро ба камол мерасонад ва ҷомеаро аз ҷаҳолат наҷот медиҳад. Ибни Сино ба масъалаи ахлоқ низ таваҷҷуҳи махсус дошт. Ӯ таблиғро шахсе медонист, ки бояд дорои инсондӯстӣ, поквиҷдонӣ ва масъулияти баланд бошад. Ин меъёрҳо имрӯз низ барои кормандони соҳаи тиб аҳамияти бузург доранд. Дар осори Ибни Сино масъалаи худшиносӣ ва маърифати инсон ҷойгоҳи муҳим дорад. Ӯ инсонро мавҷуди соҳибақл мешуморид ва бар он назар буд, ки инсон бояд пайваста барои такомули маънавӣ ва илмии худ кӯшиш намояд. Арзишҳои инсонпарваронаи осори Ибни Сино имрӯз низ аҳамияти худро нигоҳ доштаанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати илм омӯзиши мероси ӯ метавонад барои тарбияи насли донишманд ва ватандӯст нақши муассир бозад.



**Абдуҷаборзода Хушбахт Абдуҷабор, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

Абуалӣ ибни Сино яке аз бузургтарин чеҳраҳои илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ ҳамчун фарзанди фарзонаи халқи тоҷик тавонист бо қудрати илму донишаш ҷаҳонро мафтун созад. Осори илмии ӯ дар рушди тиб, фалсафа ва илмҳои табиатшиносӣ нақши таърихӣ бозидаанд. Маҳз тавассути фаъолияти илмии Ибни Сино тамаддуни шарқӣ тавонист дар рушди илми ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузорад. Ӯ исбот намуд, ки ақлу дониш метавонад инсонро ба баландтарин қуллаҳои маънавӣ ва илмӣ расонад. Имрӯз омӯзиши мероси илмии Ибни Сино барои ҷомеаи муосир аҳамияти калон дорад. Осори ӯ на танҳо сарчашмаи дониш, балки мактаби бузурги инсонпарварӣ ва маърифат мебошад. Номи Ибни Сино ҳамчун рамзи хирад ва нубуғи миллати тоҷик дар таърихи тамаддуни башарӣ ҷовидона боқӣ хоҳад монд.



**Давлатшо Каримзода, старший преподаватель кафедры политологии, начальник отдела воспитательной работы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни**

# МОЛОДОСТЬ — САМАЯ ПРЕКРАСНАЯ ПОРА ЖИЗНИ, МГНОВЕНИЕ СИЯНИЯ НАДЕЖД И МЕЧТЫ, ПОЛЁТ СЕРДЦА К СВЕТЛОМУ БУДУЩЕМУ

***Таджикская молодёжь, которая по своей природе стремится к знаниям и науке, постоянно старается осваивать современные профессии и ремёсла, успешно обучается в высших и средних учебных заведениях страны и за её пределами. Мы уверены, что в будущем они, как высококвалифицированные специалисты, внесут свой вклад в развитие и процветание Родины.***

***Основатель мира и национального единства — Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон.***

Молодость — вершина расцвета человеческой жизни, пора пробуждения мечтаний и талантов, время полёта мысли и чувств, начало самопознания и самосовершенствования. Этот золотой этап жизни является не просто возрастным периодом, а великой школой формирования личности, культуры, ответственности и

*(Идома дар саҳ. 15)*

# ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ВА ИДОРАКУНИИ УСТУВОРИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ МУАРРИФГАРИ ИМИҶИ НАВИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Конфронси сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028», ки аз 25-уми май оғоз гардида, то 28-ум идома дошт, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва шарикони байналмилалӣ ташкил карда шудааст. Баргузории ин ҳамоиши байналмилалӣ идомаи мантиқии ташаббусҳои пайгиронаи ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дипломатияи об ва идоракунии устувори захираҳои обӣ мебошад, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирии васеъ пайдо намудаанд. Он дар доираи Раванди оби Душанбе баргузор шуда, намояндагони давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои молиявӣ, марказҳои илмӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро барои баррасии масъалаҳои калидии амнияти об ва устувории иқлим ҷамъ овардааст.**

«Ҳоло миллиардҳо одамон ба оби нӯшокии бехатар ва хизматрасониҳои беҳдоштӣ дастрасӣ надоранд, қариб 4 миллиард нафар ҳар сол ҳадди ақал як моҳ бо норасоии шадиди об дучор мешаванд. Тамоюлҳои ҷорӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ин мушкилиҳо дар оянда ба таври назаррас афзоиш хоҳанд ёфт. Тибқи таҳқиқоти нави коршиносон, талаботи ҷаҳон ба оби ошомиданӣ то соли 2050 ҳадди ақалл то ба 25 фоиз зиёд мешавад ва ин зарурати истеҳсоли 50 фоиз бештари ғизоро барои аҳолии рӯ ба афзоиш тақозо менамояд. Ҳамзамон бо ин, қариб нисфи аҳолии шахрнишини ҷаҳон метавонад бо норасоии об рӯ ба рӯ гардад», — изҳори нигаронӣ намуданд Президенти Тоҷикистон зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси 4-уми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028».

Оре, ҳақ ба ҷониби Сарвари давлат аст, чаро ки масъалаи дастрасӣ ба захираҳои обӣ ба масъалаҳои амнияти давлат ва минтақаҳо таъсири худро расонида, яке аз мушкилиҳое мебошад, ки эҳтимолияти баланди хавфи сар задани низоъҳои байнидавлатиро пеш овардааст. Муноқиша ва низоъҳои байниқавмӣ, байнидавлатӣ ва байни миллатҳо вобаста ба об воқеиятест, ки роҳандозии хамкориҳои самарабахшро дар самти дипломатияи об тақозо менамояд. Тибқи таҳлилҳои олимон дар ҷаҳон дар 50 соли охир 507 муноқиша маҳз бо сабаби дастрасӣ ба об рух дода, 21-тои онҳо ба задухӯрдҳои рӯйирости ҳарбӣ оварда расонидаанд. Эҳтимолияти баланди шиддат гирифтани низоъҳои нав дар ин замина ҳанӯз аз байн нарафтааст., чаро ки дар замин аз об дида, сарвати табиии қимате вуҷуд надорад ва дошта ҳам наметавонад. Зеро он асоси зиндагӣ аст.

Бале, бе об инсон вуҷуд дошта наметавонад. Об, пеш аз ҳама, дар соҳаи кишоварзӣ масраф мегардад. Бисёрии олимон бар он назаранд, ки масъалаи норасоии об дар дунё вуҷуд надорад, балки истифодаи ғайримақсаднoки он боиси ташвиш аст. Кишварҳое, ки захираҳои обии бузург доранд, Бразилия, Россия, Канада ва Тоҷикистон мебошанд. Масъалаи норасоии оби тоза, ҳифзи захираҳои обӣ, бахусус пиряхҳо ба гуфтаи коршиносони байналмилалӣ дар миёнаи асри XXI низ ҳамоно чун масъалаи муҳимтарини глобалӣ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, пешрафтҳои дар ҷараёни татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал бадастомада, мушкилот ва монеаҳои мавҷуда дар роҳи расидан ба ҳадафҳо, ҳавасмандгардонӣ ва суръат бахшидан ба амалҳо ва шарикӣ ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои оби Рӯзномаи рушд дар давраи то соли 2030 масъалаҳои асосӣ барои муҳокима дар чаҳорчӯби конфронси мазкур мебошанд.

Ҳоло қариб 700 миллион сокини сайёра аз 43 кишвари дунё аз норасоии об танқисӣ мекашанд. Соли 2025 беш аз 3 миллиард одам бо ин мушкилот дучор шуда аст. Инсоният бояд дарк намояд, ки захираҳои обӣ, махсусан пиряхҳо тамомшаванда нестанд. Онро бояд самаранок масраф созем. Саломатӣ ва ҳаёти одамон аз сифат ва миқдори об вобаста аст. Дар кӯли чуқуртарини дунё – Байкал тахминан 20%-и оби тозаи ҷаҳон мавҷуд аст. Коршиносон ҳисоб кардаанд, ки аз истифодаи оби бесифат назар дар ҷангҳо бештар одамон вафот мекунанд. Ҳарчанд дар сайёраи мо об фаровон аст, вале тахминан ҳамагӣ 1%-и он барои истифода дастрас аст. Дар давоми 50 сол дар дарёҳои бузургтарини сайёра камшавии об ба назар мерасад. Ба ин тағйирёбии иқлим ва афзудани аҳолии замин сабаб гаштааст. Ба ҳисоби миёна, барои ҳар як одам рӯзе 20 литр об барои нӯшидан, омодасозии ғизо ва гигиенаи шахсӣ сарф мегардад. Барои бисёрии сокинони Африқои шарқӣ ҳамагӣ 5 литр дар як рӯз ва ё ҳатто 1 литр рост меояд.

Албатта, ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар самти истифодаи оқилонаи об дар ҷаҳон назаррас буда, маҳз бо пешниҳоди Сарвари давлати мо аз минбари баланди СММ як қатор чорабиниҳои байналмилалӣ доир шуданд. Аз ин хотир, мизбони қисми зиёди ин конфронсу ҳамоишҳои байналмилалӣ маҳз Тоҷикистон буд. Маҳз бо ташаббуси Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои дигар Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид соли 2003- ро Соли байналмилалии оби ошомиданӣ ва Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” солҳои 2018-2028-ро эълон кард. Чорабиниҳои глобалии мазкур дар таҳкими фаҳму дарки аҳамияти об чи барои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳифзи экологӣ ва чи дар таъмини сулҳу субот ва рушд саҳми шоёни худро гузоштанд.

Тибқи оморҳои сохторҳои дахлдори СММ қариб 1,8 млрд. нафар дар тамоми ҷаҳон аз манбаъҳои ифлоси оби нӯшокӣ истифода мебаранд. 2,4 млрд. нафар ба шароитҳо ва хизматрасониҳои зарурии беҳдоштӣ дастрасӣ надоранд. Зиёда аз 80 фоизи пасобҳои дар натиҷаи фаъолияти инсон ҳосилшуда, ба дарёҳо ва баҳрҳо бе тозакунии иловагӣ партофта мешаванд. Ҳамарӯза қариб ҳазор нафар кӯдакон дар ҷаҳон аз касалиҳои дарунравии вобаста ба об ва беҳдошт мефавтанд. Ин ҳама гувоҳи он аст, ки об ҳамчун неъмати бебаҳои табиӣ имрӯз ҳамчун захираи бозътимод дар таъмини рушди устувори инсоният метавонад нақши муҳим дошта бошад. Дар баробари ин



**Саидмуроди Хоҷазод, профессор**

набояд фаромӯш кард, ки ин неъмат дар табиат бебаҳо набуда, истифодаи самараноки он яке аз омилҳои мусоидат дар самти ба даст овардани мақсадҳои наҷиб дар ин самт мебошанд. Зеро ба гуфтаи коршиносон айни ҳол 1,7 млрд. нафар одамон дар ҳавзаи дарёҳое зиндагӣ мекунанд, ки истифодабарии об аз имкониятҳои захиравии оби истифодашаванда кам мебошанд. Чунин оморҳо ба он ҳушдор месозанд, ки бояд сари дарёфти механизмҳо ва роҳҳои дурусти идоракунии захираҳои обӣ, бавижа ҳифзи пиряхҳо андеша намоем.

«Илова бар ин, таъсири пайомадҳои тағйирёбии иқлим, аз ҷумла хушксолӣ, обхезиҳо, обшавии босуръати пиряхҳо ва баландшавии сатҳи бахр вазъи ҷориро дучанд шиддат мебахшад. Воқеияти гуфташуда барои низомҳои аллакай осебпазир фишори иловагӣ эҷод мекунад. Ин нишондиҳандаҳо танҳо пешгӯӣ нестанд, балки ҳушдори ҷиддӣ ва даъват ба амал ба ҳар яки мо мебошанд», — иброз доштанд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ин чорабинии муҳими байналмилалӣ.

Ба ин хотир, солҳои охир Раванди оби Душанбе ба яке аз минбарҳои пешбари байналмилалӣ оид ба баррасии рӯзномаи ҷаҳонии об табдил ёфтааст. Маҳз ташаббусҳои Тоҷикистон ба қабули якчанд қатъномаҳои Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об, рушди устувор ва ҳифзи пиряхҳо мусоидат намуданд.

Баргузории конфронси навбатии сатҳи баланд дар Душанбе нақши рӯзафзуни мамлакатро дар пешбурди ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои об ва иқлим тасдиқ намуда, мавқеи пойтахти Тоҷикистонро ҳамчун маркази муҳими муколамаи глобалии экологӣ ва обӣ таҳким мебахшад.

# МОЛОДОСТЬ — САМАЯ ПРЕКРАСНАЯ ПОРА ЖИЗНИ, МГНОВЕНИЕ СИЯНИЯ НАДЕЖД И МЕЧТЫ, ПОЛЁТ СЕРДЦА К СВЕТЛОМУ БУДУЩЕМУ

*(Аввалаш дар саҳ. 13)*

духовного совершенства человека. Именно в этот период закладываются основы мировоззрения, нравственности, силы воли и жизненного пути человека, определяется направление его будущего.

Молодость — время бурной энергии, свежих идей и сердца, полного надежд. Эта пора побуждает человека к движению, поиску и созиданию. В эти годы сердце человека горит, словно живой огонь, мысли становятся острее, мечты — масштабнее, а сам человек стремится сделать мир прекраснее своими руками. Если молодость сопровождается знаниями, воспитанием и самосознанием, она превращается в золотую эпоху достижений и созидания.

Молодость подобна весне жизни: если её орошать трудом и просвещением, сад жизни всегда будет цвести. Но если этот бесценный период пройдёт впустую, он уже никогда не вернётся. Именно поэтому величие молодости заключается в том, что она даётся лишь однажды, но определяет судьбу всей жизни.

Молодость — время пробуждения идеалов. В этот период человек задаёт себе вопросы: кто я, куда иду и ради чего живу? Ответы на эти вопросы формируют судьбу человека. Каждый молодой человек, который отвечает на них с помощью знаний, совести и мудрости, достигает высот совершенства.

Молодость — словно сияющее утро жизни, которое первым лучом освещает весь горизонт человеческой судьбы. Если это утро начинается светом знаний, то он ведёт человека по верному пути до самого заката жизни. Молодость подобна чистому источнику: если сохранить его чистоту, он будет утолять жажду всю жизнь.

В современном мире роль молодёжи стала важнее, чем когда-либо. Развитие науки и техники, экономики, информационных технологий и цифровизации опирается именно на молодое поколение. Молодёжь — не только изучающая достижения времени, но и их создатель. Благодаря новому мышлению и творческой энергии молодые люди способны поднять общество на новый уровень. Каждое изобретение, каждое достижение и каждое новшество начинается прежде всего с мечты молодого человека.

Молодость — это огонь созидания, который, загоревшись в сердце человека, способен осветить весь мир. Эта сила подобна ветру, ведущему корабль жизни к берегам успеха.

В Республике Таджикистан молодёжь составляет не только большую часть населения, но и является главной созидательной силой общества. Государство и Правительство страны под мудрым руководством Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона уделяют молодёжи особое внимание. Это внимание выражается не только в словах, но и в строительстве школ, университетов, культурных и спортивных центров, создании условий для обучения и развития.

Сегодня молодёжь — движущая сила общества. Благодаря свежему мышлению, сильному духу и широкому мировоззрению она способна изменить будущее государства. Каждый шаг молодого человека — это шаг в будущее нации, каждая его мысль — семя общественного прогресса. Народ, который опирается на свою молодёжь, всегда движется к вершинам развития.

Молодость — это время ответственности, а не только мечтаний. Мечта без действия подобна птице без крыльев, но мечта, соединённая с трудом, превращается в настоящий полёт. Молодость требует от человека построить мост между мечтой и делом.

Основатель мира и национального единства — Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон постоянно подчёркивает, что молодёжь должна искренне любить Родину, защищать её и ценить мир и стабильность. Ведь мир — это не просто спокойствие, а основа жизни, образования, творчества и прогресса. Каждый молодой человек, который понимает ценность мира, способен построить своё будущее и вписать своё имя в славные страницы истории нации.

В эпоху глобализации молодость — это не только время мечтаний, но и период конкуренции, стремления к знаниям и ответственности. Молодёжь должна обладать политической зрелостью, широким мировоззрением и высокой нравственностью. Политическая мудрость для молодёжи подобна светильнику, освещающему путь и защищающему человека от опасностей.

Молодость — время выбора судьбы. В этот период каждое решение может оказать огромное влияние на будущее человека. Один правильный выбор способен озарить жизнь, а одна ошибка — сделать путь трудным. Поэтому размышление перед действием является золотым законом молодости, который каждый молодой человек должен сделать своим жизненным девизом.

В связи с этим великий немецкий философ Иоганн Вольфганг фон Гёте сказал:

«Тот, кто не осознаёт ценности своей молодости, будет разбужен старостью с сожалением».

Эти слова предупреждают, что каждое мгновение молодости бесценно и должно быть использовано для знаний и труда.

Молодость — также время безграничных мечтаний. В этом возрасте человек стремится летать, творить, учиться и менять мир. Если эту внутреннюю силу направить правильно, она способна привести к великим научным, культурным и общественным достижениям. Каждая мечта молодого человека подобна свету во тьме, освещающему будущее и открывающему путь надежде.

Каждый молодой человек носит в себе целый мир возможностей. Нужно лишь пробудить их трудом, терпением и знаниями. Ведь талант без усилий подобен семени без почвы — он не прорастёт. Но талант, взращённый трудом, превращается в могучее дерево успеха.

Молодость должна быть наполнена книгами, знаниями, спортом, нравственностью и любовью к Родине. Книга просветляет человека, знания делают его сильным, спорт укрепляет тело, а любовь к Родине воспитывает настоящего гражданина и созидателя нации.

Молодёжь должна воспитывать в себе чувство ответственности. Именно ответственность поднимает человека от обыденности к величию, от невежества к мудрости, от мечты к действию. Ответственный молодой человек — прочная опора государства.

В заключение можно сказать, что молодость — это не просто этап жизни, а источник жизненной силы, созидательная энергия и символ будущего нации. Если этот период проходит с мудростью, любовью и ответственностью, тогда вся жизнь человека будет озарена светом, успехом и достоинством.

Молодость — это вечная весна мечты, сила пробуждения нации, великая школа самосовершенствования, светоч будущего, голос надежды и сияющее знамя счастливого будущего.

# ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

## ВА ТАҲКИМИ ҶОЙГОҲИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФАЗОИ ҶАҲОНИИ ИЛМ ВА ТИБ

**«Мо бояд мероси гаронбаҳои таърихиву фарҳангии халқамонро ҳифз намуда, барои омӯзиш ва муаррифии он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста кӯшиш намоем». Ин суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозгӯи сиёсати фарҳангпарварона, маърифатмеҳварона ва илмпарваронаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон мебошанд. Дар воқеъ, дар замони ҷаҳонишавӣ давлатҳое мавқеи устувор ва нуфузи бештар пайдо мекунанд, ки дар баробари рушди иқтисодӣ ба ҳифз ва муаррифии мероси таърихиву фарҳангӣ, инчунин дастгирии илм ва навоварӣ аҳаммияти авалиндараҷа медиҳанд. Тоҷикистон низ дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо роҳбарии Пешвои миллат сиёсати пайгиронаи эҳёи арзишҳои миллӣ ва муаррифии шахсиятҳои бузурги таърихиро амалӣ намуда, дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.**

Яке аз чунин иқдомҳои муҳим таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб мебошад. Ин ташаббус на танҳо нишонаи эҳтиром ба мероси яке аз бузургтарин донишмандони ҷаҳон аст, балки ҳамчун омили муҳими рушди илм, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҳкими нуфузи илмии Тоҷикистон аҳаммияти махсус дорад.

Абӯалӣ ибни Сино аз ҷумлаи нодиртарин нобиғаҳои тамаддуни башарӣ ба ҳисоб меравад. Осори илмии ӯ беш аз ҳазор сол боз мавриди омӯзиш қарор дошта, дар ташаккули бисёр соҳаҳои дониш, махсусан илми тиб, нақши муассир гузоштаанд. Китоби машҳури ӯ — «Ал-Қонун фи-т-тиб» — тӯли чандин аср дар донишгоҳҳои Аврупо ва Шарқ ҳамчун дастури асосии омӯзиши тиб истифода мешуд. Дар ин асар масъалаҳои ташхиси бемориҳо, усулҳои табобат, пешгирии бемориҳо, беҳдошт ва нигоҳдории саломатӣ бо равиши илмии пешрафтаи замони худ шарҳ дода шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» таъкид намудаанд: «Ибни Сино на танҳо яке аз бузургтарин донишмандони Шарқ, балки аз машҳуртарин чеҳраҳои таърихи тибби ҷаҳон мебошад». Ин баҳо ҷойгоҳи воқеии ин мутафаккири бузургро дар рушди тамаддуни инсонӣ инъикос менамояд. Воқеан, номи Абӯалӣ ибни Сино имрӯз рамзи илму дониш, хирад, инсонпарварӣ ва ҷустуҷӯи ҳақиқат ба шумор меравад. Дар шароити кунунӣ, ки инсоният бо таҳдидҳои ҷиддии тандурустӣ рӯ ба рӯ гардидааст, аҳаммияти илм ва махсусан илми тиб боз ҳам бештар эҳсос мешавад. Бемориҳои сироятии хавфнок, аз ҷумла ВНМО/СПИД, COVID-19, сил, гепатит ва дигар бемориҳои паҳншаванда собит месозанд, ки ҳифзи саломатии ҷомеа бе рушди мунтазами илм, таҳқиқоти муосир ва ҳамкории байналмилалӣ ғайриимкон аст. Хусусан, пандемияи COVID-19 нишон дод, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ то чӣ андоза ба кашфиётҳои нави илмӣ, технологияҳои пешрафтаи тиббӣ ва мубодилаи таҷрибаи олимону мутахассисон ниёз дорад.

Дар чунин шароит таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абӯалӣ ибни Сино метавонад барои ҳавасмандгардонии олимон, муҳаққиқон ва ихтироъкорони соҳаи тиб нақши муҳим бозад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҷоизаҳои байналмилалии илмӣ на танҳо воситаи қадршиносии хизматҳои олимон мебошанд, балки ба рушди рақобати солими илмӣ, тавсеаи таҳқиқот ва татбиқи навовариҳо низ мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, ҷоизаи мазкур метавонад барои кашфи роҳҳои нави табобат, пешгирии бемориҳо ва беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ замина фароҳам оварад.

Аҳаммияти ин иқдом танҳо бо рушди илм маҳдуд намешавад. Таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абӯалӣ ибни Сино барои таҳкими нуфузи байналмилалии Тоҷикистон низ аҳаммияти калон дорад. Имрӯз дипломатияи илмӣ

*(Идома дар саҳ. 16)*

# ҶАЛАСАИ КОРИИ ДОНИШГОҲҲОИ УЗВИ ДОНИШГОҲИ СҲШ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**22 майи соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷаласаи кории донишгоҳҳои узви Донишгоҳи Созмони Ҳамкории Шанхай дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Ҷаласаро Ҳамоҳангсози миллии Донишгоҳи СҲШ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Назарзода Хайрулло Холназар ҳусни оғоз бахшида, вобаста ба масъалаҳои мубрами фаъолияти Донишгоҳи Созмони ҳамкории Шанхай дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози назар намуд.

Дар кори ҷаласа ректорон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви Донишгоҳи СҲШ мебошанд, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни ҷаласа масъалаҳои марбут ба татбиқи қарорҳои ҷаласаи дуюми Шурои ҳамоҳангсозии Донишгоҳи СҲШ, иҷрои санадҳои ҷаласаи нӯҳуми вазирони маорифи давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, рушди барномаҳои муштараки таълимӣ, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, густариши табодули академии донишҷӯён ва ҳайати профессорону омӯзгорон, инчунин такмили фаъолияти гурӯҳҳои миллию байналмилалии экспертӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамчунин дар ҷаласа масъалаҳои таҳияи нақшаи фаъолияти Донишгоҳи СҲШ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026, ташкили ҷаласаҳои Шурои ректорон, таҳкими ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои давлатҳои аъзои СҲШ, рушди рақамикунонии соҳаи маориф ва таъсиси фазои ягонаи таҳсилотӣ муҳокима гардиданд.

Иштирокчиёни ҷаласа доир ба густариши робитаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҳияи барномаҳои муштараки таълимӣ, рушди барномаҳои дипломи дугона ва баланд бардоштани мавқеи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои байналмилалии таҳсилот пешниҳодҳои мушаххас ироа намуданд.

Дар фарҷоми ҷаласа таъкид гардид, ки рушди ҳамкориҳо дар доираи Донишгоҳи Созмони ҳамкории Шанхай барои таҳкими равобити илмӣ ва таълимӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос ва густариши ҳамгироии байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад.

---

# ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

## ВА ТАҲКИМИ ҶОЙГОҲИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФАЗОИ ҶАҲОНИИ ИЛМ ВА ТИБ



**Каримзода Марворид Олим, ассистенти кафедраи биохимия ва генетикаи факултети биологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

*(Аввалаш дар саҳ. 15)*

ҳамчун яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои байналмилалӣ эътироф шудааст. Илм метавонад давлатҳоро новобаста аз фарқиятҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба ҳам наздик намояд ва барои ҳалли мушкилоти умумии башарӣ мусоидат кунад. Тоҷикистон, ки бо ташаббусҳои ҷаҳонии худ дар масъалаҳои об, иқлим ва ҳифзи пиряхҳо эътибори байналмилалӣ касб намудааст, тавассути ин ҷоиза низ метавонад мавқеи худро ҳамчун кишвари ҷонибдори илм, маърифат ва рушди устувор боз ҳам таҳким бахшад. Ҳамзамон, ҷоиза метавонад барои ҷалби олимон ва муҳаққиқони маъруфи ҷаҳон ба Тоҷикистон мусоидат намояд. Баргузории ҳамоишҳои байналмилалӣ, конференсияҳои илмӣ ва мулоқоти мутахассисон дар доираи ин ҷоиза имконият фароҳам меорад, ки фазои нави табодули дониш ва таҷриба ба вуҷудояд. Чунин ҳамкориҳо барои рушди таҳқиқоти муштарак, баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисон ва ворид намудани технологияҳои пешрафта ба низоми тандурустии кишвар аҳаммияти муҳим доранд.

Ҷиҳати дигари муҳими ин ташаббус дар таҳкими худшиносии миллӣ ва тарбияи насли ҷавон зоҳир мегардад. Шахсияти Абӯалӣ ибни Сино намунаи олии донишандӯзӣ, меҳнатдӯстӣ ва садоқат ба илм мебошад. Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти ӯ метавонад ҷавононро ба омӯзиши илм, эҷодкорӣ ва хизмат ба ҷомеа раҳнамун созад. Миллате, ки фарзандони бузурги худро мешиносад ва қадр мекунад, метавонад бо эътимоди бештар роҳи рушди минбаъдаро идома диҳад.

Чунонки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Илм ва маориф омили асосии пешрафти давлат ва ҷомеа мебошанд». Ин андеша аҳаммияти рушди илмро ҳамчун заминаи пешрафти ҷомеа ба таври возеҳ нишон медиҳад. Маҳз аз ҳамин нигоҳ таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абӯалӣ ибни Сино метавон идомаи мантиқии сиёсати давлатии дастгирии илм ва маърифат арзёбӣ намуд.

Дар маҷмуъ, таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи тиб иқдоми дорои аҳаммияти бузурги илмӣ, фарҳангӣ ва байналмилалӣ мебошад. Он на танҳо ба эҳёи мероси гаронбаҳои яке аз фарзандони барҷастаи миллати тоҷик мусоидат мекунад, балки барои рушди илми тиб, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, таҳкими дипломатияи илмӣ ва баланд бардоштани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ низ заминаи мусоид фароҳам меорад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки ин ҷоиза таҷассуми эҳтиром ба гузашта, таваҷҷуҳ ба имрӯз ва сармоягузорӣ ба ояндаи илму маърифати башарӣ мебошад.



ОМӮЗГОРИ ҶАВОН

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

САРМУҲАРРИР:
КЕНҶАЗОД ФАРИДУН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
ИБОДУЛЛОЗОДА АҲЛИДДИН
АЙНУЛОЗОДА НАҲТУЛЛО
РАҶАБЗОДА СИРОҶИДДИН
ХОҶАЗОД САИДМУРОД
МАҲКАМОВ МАҲМАДҶОН

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.

Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.

Телефон: 224-55-06

Нашрия таҳти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Мазмун, мундариҷа ва аслияти мақолаҳо ба души муаллифон мебошад.

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.